**Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират
734026 ш.Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/6. тел./факс 235-15-25

Аз «____» соли 2012, № _____

Вазорати меҳнат
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳисобот**
**дар бораи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар нимсолаи якуми соли 2012**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар нимсолаи аввали соли 2012 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монд.

**I. Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.**

Таи давраи ҳисоботӣ дар асоси қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, дастуру супоришҳои Президенти кишвар ҳангоми боздид аз Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон», фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва Низомномаи Агентӣ бахри беҳтар намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат, бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва дигар табақаҳои камбизоат як қатор корҳоро ба сомон расонид.

**Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа ба 22951 нафар аз рӯи ҳамаи самтҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида шуданд. Аз ҷумла, дар шароити статсионарӣ 1578 нафар, дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона 1912 нафар, дар шароити хона 4740 нафар, табобати санаторӣ-курортӣ зиёда аз 700 нафар, бо аробачаҳои маъюбӣ 759 нафар, бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ 3382 нафар, 7936 адад асо, 1944 ҷуфт асобағал таъмин карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13076 (9875) зиёд аст.**

**1. Самти хизматрасонии иҷтимоӣ барои муассисаҳои будубоши доимӣ**

Фаъолияти муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва осоишгоҳу истироҳатгоҳҳоро ба танзим даровардa, хизматрасонии иҷтимоӣ, тиббӣ ва истироҳатию табобатиро ба бошандагону истироҳаткунандагони муассисаҳо назорат намуда, ҳисоботҳоро ҷамъбаст ва ба роҳбарият пешниҳод менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо 1578 нафар бошандагон, аз ҷумла 611 нафар кӯдакон зиндагӣ мекунанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 31 нафар зиёд аст. Аз онҳо 915 нафар мардон ва 663 нафар занҳо мебошанд. Аз ҷумла, 224 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 581 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм, 105 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм (асосан хонандагони Литсей-интернат), 554 нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 172 нафар маъюбони бистарӣ ва боқӣ нафақахӯрон мебошанд *(ҷадвал замима мегардад).*

Дар давраи ҳисоботӣ бо назардошти зиёд шудани шумораи ниёзмандон ба шӯъбаи тавонбахшии Муассисаи давлатии "Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони "Чорбоғ" шумораи кат-ҷой 20 адад зиёд карда шуда, миқдори рӯзҳои табобатӣ аз 21 рӯз ба 16 рӯз кам карда шуд. Ин имкон медиҳад, ки дар як сол ба ҷойи 300 нафар 500 нафар кӯдакони маъюб тавонбахшӣ гиранд. Ҳоло дар 9 баст ба 210 нафар кӯдакони маъюб тавонбахшӣ расонида шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 70 нафар зиёд мебошад. Илова бар ин дар ноҳияи Балҷувон сохтмони Маркази тавонбахшӣ рафта истодааст, ки як қисми он тайёр шуда, ба истифода дода шуд. Бинои навтаъсис иборат аз 30 ҳуҷраю толор ва даҳлез барои 20 нафар (10 нафар кӯдак бо модаронашон) бо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла таҷҳизоти тиббии муосир, рахти хоб муҷаҳҳаз буда, мавриди истифода қарор дорад. Барои истифодаи дурусти таҷҳизоти тиббӣ, хизматрасонии иҷтимоию тавонбахшӣ кормандони ин марказ дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ» таҷриба омӯхта, соҳиби малакаи касбӣ гардиданд. Тибқи Фармоиши Вазир маркази номбурда аз 18 июни соли 2012 ба фаъолият шурӯъ намуд. Айни ҳол 10 нафар кӯдакон бо модаронашон дар ин марказ тавонбахшӣ гирифта истодаанд.

Шумораи фавтидагон дар шашмоҳа 20 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2 нафар камтар аст. Дар давраи ҳисоботи 44 нафар, аз ҷумла, 9 нафар кӯдакон ба хона-интернатҳо ҷойгир кунонида шуданд. Ба бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо зиёда аз 963 нафар кормандон хизмат мерасонанд. Бошандагон дар як рӯз се вақт бо хӯроки гарм, сару либос, рахти хоб, маводи доруворӣ ва таймизӣ (гигиенӣ) таъмин буда, ҳафтае як маротиба шустушӯи пурраи гармоба мекунанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сифати хӯрок дар ин муассисаҳо бо дархости Агентӣ меъёри хӯроки бошандагон аз тарафи Пажӯҳишгоҳи «Ғизо» аз нав дида баромада шуд, ки мувофиқи он меъёри нон 0,50 кг, қанд 0,15 кг, маҳсулоти макаронӣ 0,30 кг, равған 0,10 кг ва сабзавот 0,50 кг зиёд карда шуд. Дар ин асос Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2012, № 3 дар бораи тасдиқи хароҷоти меъёрҳои маводи ғизоии якрӯзаи бошандагон дар муассисаҳои иҷтимоӣ тасдиқ гардида, ба ҳамаи муассисаҳо дастрас гардонида шуд. Тибқи фармоиши мазкур меъёри хӯрока барои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои пиронсолону маъюбон 10,37 сомонӣ, беморони касалиҳои рӯҳӣ 10,48 сомонӣ ва барои кӯдакони маъюб 10,11 сомонӣ, Литсей интернати касбии махсуси маъюбон 12,23 сомонӣ, барои истироҳатгоҳҳо 12,30 сомонӣ ва барои осоишгоҳи Харангон 13,19 сомонӣ ба як нафар дар як шабонарӯзро дар бар гирифт, ки нисбат ба соли 2011 барои хона-интернатҳо 1,0 сомонӣ, барои хонандагони Литсей-интернат 1,5 сомонӣ ва барои осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо 2,0 сомонӣ зиёд аст.

Дар нимсолаи аввали соли равон бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонии иҷтимоии маъюбон барои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо аз буҷети ҷумҳурӣ тибқи нақша 9068401 сомонӣ, аз ҷумла барои корҳои сохтмонӣ 880093 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 % зиёд буда, то имрӯз пурра маблағгузорӣ шудаанд. Инчунин дар ин давра ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо аз ҳисоби ташкилоту идораҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба маблағи 356431 сомонӣ, аз ҷумла маводи ғизоӣ ба маблағи 109544 сомонӣ, сару либос-61652 сомонӣ, таҷҳизот-121062 сомонӣ, пули нақд-20345 сомонӣ ва дигар маводҳо ба маблағи 5069 сомонӣ кӯмакҳои хайрия ворид гардид *(ҷадвал замима мегардад)*.

Ҳолати хизматрасонӣ ба бошандагон ва пешгирӣ аз ҳодисаҳои сар задани сӯхтор дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва марказҳои будудбоши рӯзона зери назорати доимии Агентӣ қарор дорад. Аз ин хотир аз тарафи кормандони Агентӣ муассисаҳои номбурда пайваста мавриди санҷиш қарор дода мешаванд. Оиди корҳои зидди сӯхтор дар муассисаҳо чораҳои амалӣ андешида шудаанд. Ҳар моҳ ҳисоботҳои муассисаҳо оиди зимистонгузаронӣ ҷамъбаст гардида, ба Ситоди Вазорат пешниҳод карда мешаванд. Ҳоло нақшаи талаботи маводи ғизоӣ ва сузишвории муассисаҳо барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 таҳия гардида, ба Вазорат пешниҳод гардид. Бо назардошти гуфтаҳои боло аз тарафи Агентӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, хона-интернатҳои Васеъ, Ёвон, Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода ва Чорбоғ, инчунимн истироҳатгоҳҳо санҷида баромада шуданд. Дар рафти санҷиш камбудиҳои ҷиддие, ки метавонанд, боиси сар задани сӯхтор гарданд, ошкор нагардид. Айни ҳол муассисаҳо ба қадри зарурӣ бо лавозимоти лозимаи зидди сӯхтор таъмин буда, гурӯҳҳои ихтиёрии зиддисухторӣ таъсис дода шуда, мунтазам назорат бурда мешавад.

Дар ин давра нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни байналмилалии Наврӯз, Иди Ғалаба, иди Ваҳдати миллӣ таҳия намуда, тибқи он ҷадвали иштирок ва табрикоти намояндагони Вазорат ва Агентиро дар ин чорабиниҳои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо аз тарафи Вазир тасдиқ намуда, дастраси масъулин гардонд. Ҳамаи ҷашну масросимҳо дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва марказҳои будудбоши рӯзона дар доираи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегарданд. Ҳамазамон, рӯзи 1 июни соли 2012 (Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон) бо ташаббуси Вазорат ва соҳибкорон дар ММТ "Чорбоғ" тӯи суннатии 30 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуд.

Оиди фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳо бояд қайд намуд, ки ба номусоидии боду ҳавои имсола нигоҳ накарда, корҳои кишту кори баҳорӣ, ниҳолшинонӣ, ободонӣ дар ҳамаи муассисаҳо ба тарви қаноатбахш ба иҷро расонида шуд. Ҳоло дар муассисаҳо ҷамъоварии ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ оғоз гардида, кор дар ин самт идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи кормандони Агентӣ муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Ёвон, Восеъ ва Литсей мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Санҷишҳо нишон дод, ки дар фаъолияти муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои номбурда то ҳол камбудиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, рахти хоби бошандагон, меъёри хӯрока, додани меваҷот (100-150 гр.) пурра риоя карда намешавад. Дар баъзе аз муассисаҳо, аз қабили хона-интернатҳои Турсунзода ва Ваҳдат ба хизматрасонии иҷтимоию тиббии бошандагон диққати зарурӣ надода, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин муассисаҳо суст ба роҳ монда шудааст. Ин аст, ки бошандагони ин муассисаҳо борҳо ба Вазорату Агентӣ бо аризаҳои шикоятӣ муроҷиат намуданд.

Нисбати муассиаҳои давлатии осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо бояд қайд намуд, ки барои дар сатҳи баланд ва босифат гузаронидани мавсими истироҳатии соли 2012 чораҳои амалӣ андешида шуда, фаъолияти онҳо зери назорати доимӣ қарор дорад. Роҳхатҳои санаторӣ курортӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №603 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таъмин намудани маъюбон бо табобати санаторӣ-курортӣ» ва ҷадвали тасдиқнамудаи Вазир оиди тақсимоти роҳхатҳо дастраси мақомоти Агентӣ гардонида шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Тибқи фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули собиқадорони ҷангу меҳнат ва маъюбон ба истироҳатгоҳҳои Агентӣ дар мавсими истироҳатии соли 2012 ҷадвали бастҳои истироҳатӣ тартиб дода шуда, ба Сарраёсат, Раёсат ва шӯъбаҳои мақомоти Агентӣ дастрас гардонида шуд. Дар асоси он осоишгоҳи «Харангон» аз 4 май, истироҳатгоҳи «Дӯстӣ» аз 7 май, истироҳатгоҳи «Ромит» ва «Биби Фотимаи Заҳро» аз 28 май қабули собиқадорони ҷангу меҳнатро оғоз намуда, ҳоло ду басти истироҳатӣ ҷамъбаст гардид, ки дар онҳо зиёда аз 500 нафар собиқадорони ҷангу меҳнат истироҳат намуданд.

Имсол имконияти истироҳатгоҳҳо дар як баст 235 кат-ҷой ва дар мавсими солона 1900 кат-ҷойро ташкил менамояд. Бояд қайд кард, ки осоишгоҳи Харангон барои 300 нафар пешбинӣ гардида буд. Дар мавсими имсола бо кушодани бинои нав шумораи кат-ҷой дар ин массиса ба 450 адад расонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳолати хизматрасонии иҷтимоию тиббӣ, сифати хӯрок, бехатарӣ аз сӯхтор ва дигар самтҳои хизматрасонӣ дар истироҳатгоҳҳо аз тарафи Гӯрӯҳи корӣ санҷида шуданд. Маълум гардид, ки ба ҳолати имрӯза дар истироҳатгоҳҳо зиёда аз 700 нафар маъюбон истироҳату табобат намуданд.

Фаъолияти муассисаҳои истироҳатӣ зери назорати доимӣ қарор доранд ва баъди анҷоми мавсим маълумоти муфасал пешниҳод карда мешавад.

**Самти хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои муваққатӣ**

Дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ ва бахши кӯмакҳои иҷтимоӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбон, табақаҳои камбизоати аҳолӣ, оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта, кӯдакони имконияташон маҳдуд тайи давраи ҳисоботӣ як қатор корҳоро амалӣ намуд.

Дар ин давра аз ҷониби шаҳрвандон 423 ариза, аз ҷумла, бо мақсади гирифтани кӯмаки моддиву молиявӣ 289 ариза ворид гардид, ки 246 ариза дар доираи талаботи Созишномаи байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии исломии Эрон мувофиқ буданд, ҷиҳати иҷро ба кумитаи мазкур пешниҳод гардиданд, ба 43 аризаи дигари шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал гардонида шуд.

Барои аз нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба таври ройгон истифода намудан аз номи имтиёздорон 153 дархост ворид гашт, ки ҳамаи онҳо баррасӣ гардида, тибқи меъёрҳои муқарраргардида мактуб омода шуда, ба муассисаҳои дахлдор, аз қабили Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан»- и Тоҷикистон 68 адад ва ба Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» 85 адад мактуб ирсол карда шуд.

Ҷиҳати татбиқи Матритсаи чорабиниҳои ислоҳоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ соли дуюм аст, ки низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон амал намуда истодааст. Аз аввали соли ҷорӣ дар шаҳри Истаравшан ба 5224 оила ва дар ноҳияи Ёвон бошад ба 6460 оилаи эҳтиёҷманд, ҳамагӣ ба 11684 оила кӯмакпулӣ тайин ва пурра пардохт гарди д.

Тавре, ки маълум аст, имрӯз дар радифи ислоҳоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии мамлакат, ташаккули шабакаҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ, хеле масъалаи муҳим мебошад. Аз ин рӯ, сол аз сол шумораи муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш дорад. Агар то соли равон ҷиҳати бархӯрдории ниёзмандон аз хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаҳояшон дар миқёси ҷумҳурӣ 37 адад шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамуданд, ҳоло теъдоди онҳо ба 38 адад расонида шудааст. **Бо ин мақсад дар ноҳияи Қабодиён шабакаи нави хизматрасонӣ таъсис дода шуд.**

Шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ба ниёзмандон зиёда аз 20 намуди хизматҳои иҷтимоӣ- маишӣ, иҷтимоӣ- равонӣ, иҷтимоӣ- тиббӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ мерасонанд. Ҳоло 618 нафар кормандони шӯъбаҳои мазкур ба 4740 нафар пиронсолону маъюбон ва оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта хизмат расонида истодаанд.

Дар ин давра фаъолияти шӯъбаҳои дар шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон (ш. Қурғонтеппа, Сарбанд, н. Хуросон, Шаҳритус), НТҶ (ш. Ваҳдат, н. Рӯдакӣ) ва шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Рушон, Шуғнон ва Роштқалъаи ВМКБ таҳлил гардида, камбудиҳои зиёде ошкор гардиданд. Аз ҷумла, сохтор ва фаъолияти шӯъбаҳои навтаъсиси ноҳияҳои Шаҳритус ва Қабодиён ба талаботи Низомномаи шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ҷавобгӯ нестанд. Мувофиқи талаботи Низомнома бояд як корманди иҷтимоӣ ба 8-12 нафар дар шаҳру шаҳракҳо ва ба 4-6 нафар дар деҳот хизмат расонад. Сохтори шӯъбаҳои болозикр ба талабот ҷавобгӯ нест. Оиди ин масъала соли гузашта унвонии раиси ноҳияи Шаҳритус мактуб ирсол гардида буд, аммо вазъият то кунун ислоҳ нагардидааст. Чунин камбудиҳо дар фаъолияти шӯъбаи дар ноҳияи Хуросон амалкунанда низ ҷой доранд. Бо вуҷуди он ки ин шӯъба таи чанд сол фаъолият дошта бошад ҳам, аз бемасъулиятии мудири шӯъба фаъолияти он ғайриқаноатбахш мебошад.

Ҳангоми санҷиши шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи шаҳри Душанбе маълум гашт, ки талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намегардад. Ба баъзе кормандони иҷтимоӣ сарбории зиёдатӣ (1,5 воҳиди корӣ) яъне ба як корманди иҷтимоӣ 16- 18 нафар мизоҷон вобаста шудааст, ки хилофи талаботи Низомнома мебошад. Корманди иҷтимоӣ имконияти воқеъӣ ва ҷисмонии иҷроиши чунин сарбориро надорад. Кормандони алоҳидаи ин шӯъбаҳо хилофи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду муассиса ба қадри пурраи воҳиди корӣ фаъолият менамоянд.

Ҳангоми аз назаргузаронии рӯзномаҳои кормандони иҷтимоӣ муайян карда шуд, ки ба ҷои мизоҷон дар рӯзномаҳо кормандони иҷтимоӣ худашон имзо мегузоранд. Ин аз он далолат медиҳад, ки мувофиқи талабот фаъолият накарда, дар рӯзномаҳо қайди рӯякӣ карда мешавад. Ҳатто мизоҷоне пайдо шуданд, ки дар қайди шӯъба буданашонро намедонистанд ва иброз доштанд, ки ба онҳо касе хизмати иҷтимоӣ намерасонад.

Ҷиҳати расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, одамони ғайри қобили меҳнат, кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта дар шаҳру ноҳияҳо 15 адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона амал менамоянд, ки ҷамъ 390 нафар кормандони иҷтимоии ин муассисаҳо ба 1912 нафар муштариён хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ, миёнаравӣ - намояндагӣ мерасонанд. Нӯҳ адади ин марказҳо аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва шаш адади он аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Барои дастгирии иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба роҳбаладӣ ва тавонбахшии иҷтимоию тиббӣ ниёз доранд таҳти сарпарастии Агентӣ панҷ адад марказҳои будубоши рӯзона амал намуда истодаанд, ки ҳоло бо 381 нафар кӯдакони маъюб чорабиниҳои тавонбахшии иҷтимоӣ гузаронида, онҳоро бо ғизои гарми мувозишуда таъмин менамоянд. Бояд қайд намуд, ки соли равон, тибқи тендери хариди хизматрасониҳои иҷтимоӣ маркази «Киштӣ», ки самти фаъолияташ дахолати тавонбахшии барвақтии кӯдакони имконияташон маҳдуд мебошад, аз ҷониби Агентӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Инчунин, соли ҷорӣ аз тарафи марказҳои хизматрасонии иҷтимоии «Одамият» (ш.Қӯрғонтеппа, н. Хуросон, н.А.Ҷомӣ), ки барои хизматрасонии пиронсолону маъюбон пешбинӣ шудаанд, ба таври таҷриба 36 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд ба хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаҳояшон фаро гирифта шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар як кӯдак новобаста аз маҳдудият ва вайроншавии фаъолияти ҷисмонияш тавони ташаккул додани ҷисму рӯҳ ва инкишофи малакаҳои гуногуни ҳаётиро дорад. Аз ин рӯ, кӯдакон дар марказҳо дар шароити муносиб ва бехатари будубош қарор дошта, ба пешрафти ҷисмониву малакаҳои мавзуни ҳаракат, зеҳниву рафтор, муошират ноил гашта, дар онҳо ҳиссиёти худшиносӣ ва худэҳтиромӣ, ҳампайванди бо ҷомеъа бавуҷуд меояд. Кӯдакон дар доираи имконияташон ба худ хизмат расонида, ба зиндагии дар ҷомеъа омода мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тарзу усули корбарӣ дар ин марказҳо натиҷабахш буда, тайи 3 соли охир зиёда аз 90

кӯдакони имконияташон маҳдуд барои таҳсил ба  мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва 73 нафар ба боғчаҳои муқарраркӣ фиристода шуданд.

Гарчанде, ки дар марказҳо мутахассисон фаъолият дошта бошанд ҳам, аммо шумораашон кофӣ нест. Махсусан мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои логопед ва сурдолог на дар ҳама марказҳо мерасанд.

Дар Марказҳои минтақавии барои пиронсолон ва маъюбон пешбинӣ шуда  эҳтиёҷмандоне, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, муваққатан ба мӯҳлати то 6 моҳ бо ҷои зист ва хӯрок  таъмин карда мешаванд. Ҳоло дар Марказҳои минтақавӣ барои пиронсолон ва маъюбон 85 нафар эҳтиёҷмандон ба таври доимӣ ҳаёт ба сар бурда, се маротиба бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Ба онҳо хизматҳои беҳдоштӣ низ расонида мешавад. Дар назди қисме аз ин марказҳо шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал намуда, ба 913 нафар  эҳтиёҷмандон бевосита дар хонаҳояшон хизмати иҷтимоӣ мерасонанд.

Мақсад аз пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон аз он иборат аст, ки баҳри онҳо ҳаёти арзанда ва сазовор фароҳам оварда шавад, то мустақилона ва осуда ҳаёт ба сар баранд, бо усули роҳбаладии иҷтимоӣ ва агар зарур шавад бо тавонбахшии  тиббиву иҷтимоӣ  ба ҳаёт дар ҷомеъа мутобиқ  шаванд.  Ҳодисаҳое низ мушоҳида мегарданд, ки баъзе эҳтиёҷмандон муддатҳои тӯлонӣ дар ин марказҳо зиндагӣ доранд, ки хилофи қоидаҳои муқарраргардида мебошад. Бинобар ҳамин бо дахолати бевоситаи Агентӣ  16 нафар бошандагони Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Душанбе дар ин муддат ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои пиронсолон ва маъюбони шаҳрҳои Турсунзода, Ёвон ва Ваҳдат ҷойгир карда шуда, кор дар ин самт таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

Ҷиҳати  баланд бардоштани тахассуси кормандони иҷтимоии шӯъбаҳои дар шаҳри Душанбе амалкунанда дар моҳи феврал курсҳои  такмили ихтисос ташкилу гузаронида шуд, ки дар он шунавандагон оид ба шаклҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоии маъюбон маълумоти муфассал пайдо намуданд. Инчунин аз тарафи Муассисаи давлатии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои Вазорат бо ошпазҳои марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дигар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ семинари омӯзишӣ ташкил ва гузаронида шуд, ки бешубҳа ба малакаҳои кориашон бетаъсир намонд. Дар ин росто бяд қайд намуд, ки  таркиби ғизо дар ҳама муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла марказҳои будубоши рӯзона  барои КИМ, хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон як хел набуд. Бинобар хамин  дар мувофиқа бо Пажуҳишгоҳи «Ғизо»- и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон  барои ин муассисаҳо меъёри ягонаи  ғизо таҳия шуда,  дастрас гардонида шуд.

Дастгирии иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла, таъмини онҳо бо воситаҳои техникии ҳаракат дар маркази диққати Агентӣ қарор дорад. Тайи давраи ҳисоботӣ 930 нафар шахсони имконияташон маҳдуд,  ки ба аробачаи маъюбӣ эҳтиёҷ доранд, ба қайд гирифта, талаботи 759 нафарро қонеъ гардонида шуд.

Дар ин росто, бояд қайд намуд, ки дар самти таъмини ниёзмандон бо воситаҳои техники тавонбахшӣ на ҳама Агентиҳои дар шаҳру ноҳияҳо буда фаъолияташонро  ба таври бояду шояд  ба роҳ мондаанд. Аз ин ҷост, ки барои

дастрас гардонидани воситаҳои техникии тавонбахшӣ эҳтиёҷмандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат менамоянд. Ба мақомоти болоӣ мурочиат намудани шаҳрвандон оиди масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки ба салоҳияти Агентӣ вобастагӣ доранд, шаҳодат аз он медиҳад, ки мақомоти Агентӣ корҳои иттилоотонӣ ва фаҳмондадиҳиро ҷиҳати фаъолият дуруст ба роҳ намондаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксар шаҳру ноҳияҳо эҳтиёҷмандон ҷиҳати бархурдор шудан аз имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоии худ ва умуман вуҷуд доштани мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷиратро намедонанд. Аз ин рӯ, давоми нимсола маҷбур шудем, ки ба таври истисно 37 нафар шаҳрвандонро бо аробачаҳои маъюбӣ таъмин намоем. Махсусан ба Раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентии дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Кӯлоб, Норак, Роғун, ноҳияҳои Айнӣ, Исфара, Зафаробод, Бохтар, Вахш, Қабодиён, Мӯъминобод, Ҳамадонӣ, Восеъ, Ҳисор ва Нуробод буда лозим меояд, ки фаъолияташонро дар самти ҳифзи иҷтимоӣ мутобиқи Низомномаи Агентӣ ба роҳ монанд.

Бояд афзуд, ки барои беҳбуди кор дар фаъолияти зерсохторҳои Агентӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ бо фармоиши директори Агентӣ дар Раёсат ва шӯъбаҳои Агентии дар маҳалбуда кормандон вобаста шуданд. Вале мутаассифона то кунун арзу шикоятҳои ниёзмандон зиёд аст. Кормандони Агентӣ дар давраи ҳисботӣ дар шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон 6 маротиба дар курсҳои такмили ихтисос барои ҳайати роҳбарикунанда, мутахассисони самти ҳифзи иҷтимоӣ, кормандони хизматрасони иҷтимоӣ ҳамчун омӯзгор иштирок намуда, дар бораи қонунгузории ҷорӣ ва усулҳои нави корбарӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ корҳои амалӣ ва дарсҳои семинарӣ гузарониданд.

Аз тарафи муассисаи зертобеъи Агентӣ КВД «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» маъюбони эҳтиёҷманд дар ин давра бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, аробачаҳои маъюбӣ, асо ва асобағал таъмин карда шудаанд.

Корхона дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар якҷоягӣ бо филиалҳояш нақшаи истеҳсолиро ба қадри 101 фоиз иҷро намуд, ки маблағи умумии маҳсулоти истеҳсолшуда 1031307 сомониро ташкил медиҳад.

**Нишондодҳои истеҳсолии корхона дар нимсолаи аввали соли 2011 тариқи зайл мебошад:**

| № | Номгӯи нишондодҳо | Воҳиди ченак | Думоҳаи ( январ ва феврал) соли 2012 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | нақша | Дар асл | % |
| 1 | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | сомонӣ | 1018500 | 1031307 | 101 |
| 2 | Истеҳсоли пойафзол аз ҷумла: | ҷуфт | 2400 | 2432 | 101 |
| | -пояфзоли ортопедӣ | ҷуфт | 1500 | 1515 | 101 |
| | -пояфзоли протезӣ | ҷуфт | 900 | 917 | 101 |
| 3 | Камарбанди чармӣ | адад | 18 | 18 | 100 |
| 4 | Истеҳсоли протезҳо, | адад | 420 | 473 | 112 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | аз ҷумла: | | | | |
| | -протези пой | адад | 108 | 156 | 144 |
| | -протези даст | адад | 12 | 15 | 125 |
| | -ортез | адад | 294 | 294 | 100 |
| | -фиксаппарат | адад | 6 | 8 | 133 |
| 5 | Таъмири протез, ортез | адад | 252 | 440 | 174 |
| 6 | Истеҳсоли асобағал | адад | 300 | 363 | 121 |

Маҳсулоти тайёри корхона то охири ҳар моҳ ба воситаи варақаи нишондиҳандаи маъюб ба эҳтиёҷмандон дода мешавад. Ба маъюбоне, ки дар маҳалҳои дур иқомат доранд, дархосташон ба воситаи шӯъбаҳои алоқа дастрас гардонида мешавад. Давоми нимсоли равон ба эҳтиёҷмандон 759 адад аробачаи маъюбӣ, 7936 адад асо ва 1944 ҷуфт асобағал тақсим карда дода шуд.

Аз тарафи корхонаи болозикр дар шашмоҳи сипаришуда ба 3382 нафар маъюбон хизмати иҷтимоӣ расонида шуд. Бояд зикр намуд, ки дар Корхонаи воҳиди давлатии «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» 82 нафар коргарон кор мекунанд, ки аксарияти онҳоро маъюбон ташкил медиҳанд.

Пешниҳод аст, ки барои таъмири аробачаҳои маъюбӣ ва таъмини эҳтиёҷмандон бо масноути кафолатнок, корхона бо дастгоҳ ва асбобу анҷоми таъмиркунӣ ва технологияи нави замонавӣ муҷаҳаз гардонида шавад.

**Самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

Агентӣ фаъолиятро дар асоси санадҳои барномавии соҳа, аз ҷумла Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 ва дастуру супоришҳо аз Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ба роҳ монда, дар таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, татбиқи босамари сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва тадриҷан ташаккул ёфтани бозори меҳнати фасеҳ ва дастрас дар Тоҷикистон ба натиҷаҳои муайян ноил гардид.

Аз ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ ду лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.

Дар натиҷа қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №111 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62» ва аз 31 майи соли 2012, №260 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011 ва 2012-2013» ба тасвиб расиданд.

Илова ба ин, дар давраи ҳисоботӣ бо пешниҳоди Агентӣ қарори Ҳайати мушовараи вазорат аз 23 феврали соли 2012, №5 «Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои ҳисоботи соҳавии омори шуғли аҳолӣ» қабул гардид, ки бевосита барои таҳкими фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ташаккули бозори меҳнати фасеҳ ва дастрас мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки мувофиқи пешниҳоди Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби Комиссияи Аврупо соли 2007 Консепсияи флексикюритӣ қабул гардид, ки он сиёсати фасеҳи бозори меҳнати дорои хусусияти иҷтимоиро бо чор қисми таркибӣ дар бар мегирад. Ин ҳам бошад, бозори меҳнате, ки он дар асоси созишномаҳои фасеҳ, сиёсати фаъоли иҷтимоӣ, барномаҳои фаъол ва босамари бозори меҳнат ва омӯзиш дар тули ҳаёт ташаккул меёбад.

Дар ҳамин радиф таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолият дар бозори меҳнат яке аз ҳадафҳои афзалиятноки давлату ҳукумат ва вазорат ба ҳисоб меравад ва ин раванд мадди назари доимии роҳбарияти давлат қарор дорад.

Аз ин хотир, ҷиҳати танзими масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, таҳким ва татбиқи босамари сиёсати давлат пайваста амал намуда, дар доираи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012 дар давоми нимсолаи якум аз рӯи 6 самти асосӣ: 1) таъсиси ҷойҳои нави корӣ; 2) миёнаравӣ дар бозори меҳнат; 3) тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон; 4) дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон; 5) ташкили корҳои ҷамъиятии музднок ва 6) таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои бекорон иҷрои нишондиҳандаҳои барномаро ба андозаи 65,1 фоизи нақшаи солона таъмин намуд.

Дар давраи мадди назар дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 61079 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 35935 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 24183 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 18761 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 1515 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 1553 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 3103 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 8346 нафар дар марказҳои таълими касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 3824 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 77681 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 300 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 2431 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 1910 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 498 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 4839 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд (маълумот замима мегардад).

**Вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.**

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи марти соли 2012-ум 2161,6 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод 2105,1 ҳазор нафар (97,4 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, 56,5 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ гирифтаанд, ки 2,6 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии машғули кор бошад, аз 2102,2 ҳазор

нафар дар моҳи декабри соли 2011 то 2100,4 ҳазор нафар дар моҳи марти соли 2012 коҳиш ёфтааст, ки сатҳи коҳиш дар давраи мадди назар ба 0,08 фоиз рост меояд.

Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама намуди моликият дар моҳи марти соли 2012-ум 1021,1 ҳазор нафар ё 48,5 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод.

Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар бахши воқеии иқтисод дар моҳи марти соли 2012 нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 1,4 фоиз кам шуда, 601,2ҳазор нафарро ташкил дод.

Аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад, шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар давраи мадди назар 420,0 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Ҳамин тавр, дар моҳи марти соли 2012-ум 58,9 фоизи кироякорон дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ ва 41,1 фоиз дар бахши хизматрасонии фаъолияти иқтисодӣ ба қайд гирифта шуданд.

Аз рӯи сохтори соҳавӣ шуғли кормандони кироя дар моҳи марти соли 2012 чунин аст (Ниг. ба диаграммаи 1).




Тавре маълум аст, дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ғайр аз кормандони расмӣ қувваи корӣ дар шароити дуҷоякорӣ ва дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта низ истифода бурда мешавад.

Дар моҳи марти соли 2012 дар ин шароит 30,3 ҳазор нафар шаҳрвандон машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда ба 3,0 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи корӣ рост меояд.

Теъдоди кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордод дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ кор мекунанд аз 30,5 ҳазор нафар дар моҳи декабри соли 2011 то 30,2 ҳазор нафар дар моҳи марти соли 2012 коҳиш ёфтааст.

Шумораи кормандони дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта коркунанда дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи марти соли 2012-ум 4994 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ 25189 нафарро ташкил намуд.

Дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ охири моҳи марти соли 2012-ум 76,4 ҳазор нафар корҷӯён бо назардошти корҷӯёни соли 2011 мавҷуд буд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,9 фоиз зиёд мебошад. Танҳо дар моҳи марти соли 2012 бошад, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 6,0 ҳазор нафар корҷӯён барои пайдо кардани ҷойи кор муроҷиат намуданд, ки ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011-ум (7492 нафар) 20,4 фоиз коҳиш ёфтааст.

Аз аввали соли 2012-ум бошад, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 17,0 ҳазор нафар корҷӯён муроҷиат намуданд. Аз ин шумора занҳо 8,2 ҳазор нафар (47,9 фоиз) ва шахсони 15-29 сола 8,8 ҳазор нафар ё 51,9 фоизро ташкил медиҳанд.

Теъдоди шаҳрвандоне, ки бори аввал барои дарёфти ҷойи кор ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат намудаанд ба 8,8 ҳазор нафар рост меояд.

Ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар моҳи марти соли 2012 аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо 11,0 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешниҳод шуд, ки аз ин теъдод 5,1 ҳазор ҷойҳои корӣ (45,9 фоиз аз шумораи умумии ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда) ба касбҳои коргарӣ рост меояд. Талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 6,9 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011-ум 13,1 фоиз афзудааст.

Дар охири моҳи марти соли 2012 шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 56,5 ҳазор нафарро ташкил намуд. Аз ин теъдод 29,0 ҳазор нафарро занҳо (51,4%) ва 32,4 ҳазор нафар ё 57,5 фоизро шахсони синну соли 15-29 сола ташкил намуданд.

Илова ба ин, дар моҳҳои январ-марти соли 2012-ум 7,8 ҳазор нафар шаҳрвандон бо ташаббуси маъмурияти корхонаҳо ба рухсатии маҷбурӣ фиристода шудаанд, ки аз ин теъдод 7,3 ҳазор нафар (93,9 фоиз) бе ҳифзи музди кор мондаанд.

Дар реҷаи ҳафтаи нопурраи корӣ ва рӯзи кории нопурра бошад 0,5 ҳазор нафар кор кардаанд.

Бо назардошти бекории пинҳонӣ, сатҳи бекорӣ дар ин давра ба 3,0 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол рост омад.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.**

Мувофиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 таъсис додани 121351 ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ шудааст.

Тайи нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар миқёси ҷумҳурӣ 77681 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд, ки 65,0 фоизро аз дурнамои барнома ташкил медиҳад.

Дар диаграммаҳои 2 ва 3 сохтори соҳавӣ ва ташкилии таъсиси ҷойҳои нави корӣ оварда мешаванд.







Таҳлили сохтори соҳавӣ ва ташкилии таъсиси ҷойҳои корӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари ҷойҳои корӣ дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ ва таъминоти моддию техникӣ (34,2%) , кишоварзӣ (29,1%) ва дар сектори хусусӣ (55,6%) таъсис дода мешаванд. Дар дигар соҳаҳо ин раванд аз 4 то 18,3 фоизро ташкил медиҳад.

Боиси таассуф аст, ки то ҳол аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо маълумот оид ба хусусияти ҷойҳои корӣ тибқи шаклҳои ҳисоботи омори соҳавии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, ки бо қарори Ҳайати мушовараи вазорат аз 23 феврали соли 2012, №5 тасдиқ шудаанд, пешниҳод намешавад.

Аз ин хотир, хеле муҳим аст, ки бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоён ва Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар сатҳи вазорат нишасти алоҳида доир гардад ва ин масъала мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 61079 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд.

Аз шумораи муроҷиатнамудагон 35935 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шуда, ба 24183 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 18761 нафар

бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 59,7 фоизи дурнамои барномаро ташкил медиҳад.

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми соли ҷорӣ 1515 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 63,6 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби Агентӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи нақшаи болозикр аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 300 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд, ки аз ин теъдод 17 адад ярмаркаҳои соҳавӣ мебошанд.

Аз ҷумла, дар ВМКБ 25 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд 82, вилояти Хатлон 146, шаҳри Душанбе 10 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 37 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо 3577 корхонаю муассисаҳо иштирок намуда, ба корҷӯён 64404 ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 3744 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 2431 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд (64,9%). Аз бокортаъминшудагон тавассути ярмаркаҳо 794 нафарро занон ва 801 нафарро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Илова ба ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ 1910 нафар шаҳрвандон роҳхат барои касбомӯзӣ ва 498 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 4839 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. Дар охири моҳи июни соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 12246 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд.

Сохтори таркибии ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда ва музди меҳнати ин ҷойҳои кории холӣ дар диаграммаи 4 оварда шудаанд.




Тавре аз нишондиҳандаҳо бармеояд музди миёнаи меҳнати аз ҳама баланд ба соҳаи сохтмон (526 сомонӣ) рост меояд. Дар дигар ҳама соҳаҳо музди миёнаи меҳнат дар ҳудуди аз 190 то 500 сомонӣ ҷойгир аст, ки қобили таваҷҷӯҳи корҷӯён нест ва маҳз аз ҳамин сабаб ҳар моҳ ба ҳисоби миёна то 10,0 ҳазор ҷойҳои кории холӣ банд намешаванд.

Ба таври дигар, қисми зиёди ҷойҳои кории холӣ, ки ба ярмаркаҳо пешниҳод мешаванд, маоши арзанда надоранд ва аз ин хотир ҷойҳои корӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳатто саноат банд намешаванд. Дар навбати худ чунин вазъ омили асосӣ дар афзоши дуҷоякорӣ, яъне дар якуним ва ду баст кор кардани кормандони ин соҳаҳо мегардад, ки дар натиҷа ба сатҳи шуғлнокии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва табодули иттилоот миёни сохторҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва васоити ахбори умум дар ҳамкорӣ бо Созмони байналмиллалии муҳоҷират ва бо дастгирии молиявии Вазорати рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир дар шабакаи Интернет сомонаи «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ» бо суроғаи www.kor.tj таъсис дода шуд, ки ин сомона таърихи 28 ноябри соли 2011 расман муаррифӣ гардид ва алҳол фаъол буда, дар он наздик 10,0 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешкаши корҷӯён гардидааст.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**.

Бо мақсади дастгирии рушди соҳибкорӣ миёни бекорон ва шаҳрвандони корҷуй дар заминаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» фаъолият идома дорад.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 1553 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 4 536 845 сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд ба андозаи 73,1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо қарзҳои имтиёзнок барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пардохт гардид.

Ба ин мақсад тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ ба 309 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 748965 сомонӣ, вилояти Суғд ба 401 нафар дар ҳаҷми 1013806 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 351 нафар шаҳрвандони бекор ба андозаи 1081991 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 98 нафар ба маблағӣ 416800 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 394 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 1275283 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пардохт шуд.

Тибқи нишондоди «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013» дар соли 2012 ба 3000 нафар шахсони бекор таъин ва пардохт намудани қарзҳои хурди имтиёзнок пешбинӣ шуда буд.

Дар муқоиса ба нақшаи асосии Барнома дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 51,7 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум (1347 нафар) 206 нафар ва ҳаҷми қарзи имтиёзноки ба онҳо додашуда 1024267 сомонӣ зиёд аст.

Умуман раванди дастгирии шаҳрвандони бекор дар рушди соҳибкорӣ чӣ аз рӯи теъдод ва чӣ аз ҷиҳати маблағгузорӣ сол аз сол тамоюл ба афзоиш дорад. Динамикаи ин раванд тайи нимсолаи аввали солҳои 2009 - 2012 дар нақшаи графикии зерин ифода ёфтааст:




Тавре аз нишондиҳандаҳои нақша бармеояд пардохти маблағи қарзҳои имтиёзнок тайи нимсолаи аввали солҳои 2009 - 2012 аз 1828462 сомонӣ то 4536845 сомонӣ зиёд шудааст, ки афзоиши он дар ин давра мутаносибан 1180 нафар ва 2 958 005 сомониро ташкил медиҳад.

Самти фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор дар ҷумҳурӣ асосан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ равона гардидааст.

Аз ҷумла, соли ҷорӣ, тавассути мақомоти маҳалии Агентӣ барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 727 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 2222875 сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 526 нафар шахсони бекор ба андозаи 1345944 сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад ба 300 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 968025 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт гардидааст.

Таҳлилӣ раванди дастгирии молиявии шаҳрвандони бекор нишон медиҳад, ки 33,8 фоиз ба фаъолияти тиҷоратӣ, 19,3 фоиз ба фаъолияти хизматрасонӣ ба

аҳолӣ ва 46,8 фоизи дигар ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул мебошанд, ки ин раванд дар нақшаи графикии 2 ифода ёфтааст:

*Нақшаи графикии 2.*




Дар давраи ҳисоботӣ ба дастгирии ташаббуси соҳибкории занон аҳамият дода шуда ба 725 нафар занон дар ҳаҷми 2036378 сомонӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пардохт гардид.

Аз ҷумла, тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ ба 132 нафар занони бекор ба маблағи 331075 сомонӣ, вилояти Суғд ба 212 нафар дар ҳаҷми 525006 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 159 нафар ба андозаи 411083 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 45 нафар ба маблағӣ 192590 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 177 нафар занони бекор дар ҳаҷми 576624 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пардохт гардид.

Инчунин, дар ҳамин давра аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 385 нафар ҷавонони бекор ҳам, барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ 1527642 сомонӣ, қарзҳои хурди имтиёзнок дода шуд.

Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли 2009 аз ҳисоби занон 297 нафар ва аз ҳисоби ҷавонон 86 нафар зиёд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои мубрами рӯз дар ин самти фаъолият таъмини чараёни баргардонидани маблағҳои барои дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ додашуда мебошад.

Нисбати ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, давоми нимсолаи аввали соли 2012 аз ҷониби шаҳрвандон дар ҳаҷми 4763988 сомонӣ маблағ баргардонида шуд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли 2011 (3090393 сомонӣ), 1673595 сомонӣ зиёд мебошад (Ниг. ба нақшаи зерин).




Бевосита дар давраи мадди назар тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар ВМКБ 645008 сомонӣ, вилояти Суғд 958108, вилояти Хатлон 1021657, шаҳри Душанбе 374353 ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад дар ҳаҷми 1764862 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок баргадонида шуд.

Ҳаҷми маблағи пушаймонаи рӯёнидашуда барои саривақт барнагардонидани қарзҳои имтиёзнок бошад, **4729,7** сомониро ташкил дод.

Новобаста аз ин, дар ин самт то ҳол мушкилот ҷой дорад, ки ҳалли фавриро талаб мекунанд. Ҳаҷми маблағҳои қарзие, ки саривакт баргардонида нашудаанд тибқи маълумоти пешакӣ дар миқёси ҷумҳурӣ **317137** сомонӣ, ё худ 2,6 фоизи ҳаҷми умумии сандуқи қарзҳои имтиёзнокро ташкил медиҳад.

Андозаи қарзи имтиёзноки саривақт баргардониданашуда дар ВМКБ 64025 сомонӣ, дар вилоятҳои Суғд 27369, Хатлон 120254, шаҳри Душанбе 60341 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад, 45148 сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли ҷорӣ аз ҷониби кормандони шӯъба фаъолияти 32 раёсату шӯъбаҳои Агентӣ дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар самти пардохт ва бозгашти қарзҳои имтиёзнок ва истифодабарии мақсадноки ин маблағҳо мавриди таҳлил қарор гирифт.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар фаъолияти молиявии раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар ноҳияи Шаҳритус дар ин давом ба камбудиҳо роҳ дода шуда, талаботи фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 “Низомномаи пешбурди ҳисоби муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ” ва фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2004, №159 “Дар бораи даромад ва хароҷоти буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон” риоя карда нашудааст ва боз ба ғайримақсад истифодабарии маблағҳои буҷетӣ роҳ дода шудааст.

Илова ба ин, қариб дар тамоми раёсату шӯъбаҳои мазкур ҳуҷҷатҳои аввалияи шаҳрвандони бекоре, ки аз қарзҳои хурди имтиёзнок бархӯрдор гардидаанд, тибқи талаботи ҷорӣ ба расмият дароварда нашудаанд.

Аз ҷумла, тавассути шӯъбаҳои мазкур ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ доштанд, қарзи имтиёзнок пардохт гардидааст, вале дар банди XII варақаи бақайдгирии шаҳрванди бекор, шаҳрвандони

мазкур ба кор таъминшуда ҳисоб карда нашудаанд ва дар қайди мақомоти Агентӣ ҳамчун корҷӯй истодаанд.

Дигар масъалае, ки имрӯз боиси ташвиш ва нигаронӣ аст, ин пешниҳоди ҳисоботи мувофиқанашуда ба дастгоҳи марказии Агентӣ мебошад.

Дар аксар ҳолатҳо, ҳисобот оиди дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ бо рақамҳои гуногун ва фарқиятҳои молиявӣ пешниҳод мешавад.

Чунин ҳолат дар раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар ноҳияҳои Зафаробод, Айнӣ, Ҷ. Расулов ва Шаҳритус ошкор карда шуд.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.**

Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор дар асоси моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор» аз 1 августи соли 2008, №373, дастурамалҳо “Дар бораи ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор” ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, ки бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорат аз 11 июни соли 2009, №36 ва 28 июни соли 2010, №26 тасдиқ шудаанд, ташкил ва роҳандозӣ мешавад.

Дар ҳамин замина мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар нимсолаи аввали соли 2012 ба 8346 нафар муроҷиаткунандагон барои касбомӯзӣ аз рӯи 43 номгӯи касбу ихтисосҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат роҳхат доданд.

Дар натиҷа курсҳои касбомӯзиро 3923 нафар хатм намуданд, ки аз ин теъдод 2654 нафар дар ташкилоту корхонаҳо бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Аз теъдоди шаҳрвандони ба тайёрии касбӣ фаро гирифташуда 5489 нафарро занон ва 5957 нафарро ҷавонон ташкил намуданд.

Бояд қайд намуд, ки шабакаи муассисаҳои системаи таълими калонсолон дар назди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо дастгирии бевоситаи Президенгти кишвар ва бо мақсади бо роҳи кӯтоҳтарин ба талаботи бозори меҳнат ва сохтмонҳои муҳими кишвар омода намудани бекорон, ҳамзамон бахри мутобиқ намудани малакаи касбӣ ва дониши ҳуқуқию фарҳангии муҳоҷирони меҳнатӣ таъсис дода шудаанд, ки дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» ва филиалҳои он 5538 нафар, марказҳои таълимӣ 938 нафар, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази касбомӯзию соҳибкорӣ» 868 нафар, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази таълимии омӯзиши модулии шаҳри Душанбе» ва филиалҳои он 543 нафар, маркази иҷтимоию соҳибкорӣ 354 нафар ва ба воситаи дигар муассисаҳои таълимӣ 84 нафар шаҳрвандони бекорро ба омӯзиш ҷалб намуданд.

Дар маҷмӯъ дар давраи ҳисоботӣ 32289 нафар шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла, 8346 нафар тавассути роҳхатҳои мақомоти Агентӣ, 14787 нафар шаҳрвандон тариқи худмаблағгузорӣ, 6746 нафар бо роҳи шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ва 2410 нафар тавассути Кумитаи имдод ва созмонҳо ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд.

Бевосита дар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ малакаҳои касбии 5283 нафар шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ бо шаҳодатномаи намунаи давлатӣ тасдиқ карда шуданд.

Аз ҷумла, дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва филиалҳои он малакаҳои касбии 3553 нафар, Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази таълимии шаҳри Душанбе” 365 нафар, “Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд” 159, Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази касбомӯзию соҳибкорӣ” бо филиалаш 631, Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази таълимии омӯзиши модулӣ”- и шаҳри Душанбе ва филиалҳояш малакаҳои касбии 393 нафар шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ тасдиқ карда шуданд.

Муассисаҳои таълимии система ҳамагӣ 19842 нафар шаҳрвандонро соҳибкасб гардониданд, ки 39,68% иҷроиши нақшаро дар бар мегирад. Ин нишондиҳандаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷараёни хизматрасонии таълими касбӣ аз ҷониби муассисаҳои марбутаи системаи Агентӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нашудааст ва таъмини иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти давлатро зери хавф мегузорад.

Дар ҳамин раванд қайд менамоем, ки ташаккули касбии захираҳои меҳнатӣ барои Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва ин раванд таҳти назорат ва таваҷҷӯҳи хоси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он аст, ки дар арафаи Соли нави мелодӣ ва ҷашнгирии Иди байналмиллалии Наврӯз Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” ва Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ташриф оварданд. Дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти кишвар зимни боздид аз ин муассисаҳо бо фармоиши Вазорат аз 13 апрели соли 2012, №67 “Нақша чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмоммалӣ Раҳмон, ки 15 марти соли 2012 дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” баён доштанд, ба тавсиб расид.

Мувофиқи нақша чорабиниҳои тасдиқшуда айни замон касбу ҳунарҳои халқӣ, аз ҷумла “Косибӣ” дар ноҳияи Рошткалъа, “Бофандагӣ” дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим, “Заргарӣ”дар ноҳияи Данғара, “Кандакорӣ” дар ноҳияҳои Б.Ғафуров ва шаҳрҳои Исфараю Истаравшан роҳанозӣ шудаанд, касби“Кулолгарӣ” бошад дар ноҳияҳои Варзоб ва Шаҳринав аз нав эҳё карда мешавад. Барои омӯзонидани ин касбу ҳунарҳо косибони ботаҷриба ва ихтисосмандони зарурӣ ҷалб хоҳанд шуданд.

Ҳамчунин дар заминаи дастуру супоришҳои роҳбари давлат санаи 7 июни соли 2012 устохонаи таъмири автомобилӣ дар филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳри Кӯлоб бо дастгирии коршиносони Олмон, 21 июни соли ҷорӣ омӯзиши касби “Заргарӣ” тибқи дархости Корхонаи фардии “Заргарии Данғара”-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки феълан 20 нафар ба омӯзиши ин касб ҷалб шудаанд. Дар маросими ифтитоҳи ин чорабиниҳо бевосита Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дошт.

Илова ба ин, бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагони Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” дар КВД “Маркази таълимии шаҳри Душанбе” то охири соли ҷорӣ як сехи дӯзандагӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ ташкил карда мешавад, ки дар он 50 нафар духтарон ба кор таъмин карда мешаванд. Ин раванд идомаи пайвастагии муассисаҳои таълими касбӣ бо истеҳсолот мебошад.

Дар баробари ин, бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар аз Паёми навбати ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 Вазорат созишномаҳои ҳамкориро бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 2012 ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи ҳамин сол ба тавсиб расонид.

Мувофиқи ин Созишномаҳо ҳамкории мутақобилан судманд дар самти ба тайёрии касбӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамчунин бо мақсади ҳарчи бештар ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани аҳолии кишвар шабака ва намояндагиҳои муассисаҳои таълими касбии системаи Вазорат дар давраи мадди назар васеъ гардид.

Аз ҷумла, филиали КВД “Муассисаи таълимии омӯзиши модулии шаҳри Душанбе” дар шаҳраки Маҳрами ноҳияи Конибодом ва намояндагиҳо дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Қайроқум, Ваҳдат ва ноҳияҳои Ҷиргатол, Тавилдара, Нуробод, Бохтар, Айнӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Ҳамадонӣ, Рудакӣ, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб таъсис дода шудаанд.

Дар доираи татбиқи “Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” бошад, дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи талаботи бандҳои 9, 14 ва 18 Нақшаи татбиқи «Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар барномаҳои таълимии зиёда аз 28 касбу ихтисосҳо бо мақсади ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ҷавобгӯ намудани онҳо таълими фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Асосҳои ҳуқуқ», «Забони русӣ», “Забони олмонӣ” ва инчунин мавзӯъҳо оиди шиносоӣ бо қонунгузории давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ворид карда шуда, дар Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Дар ин раванд масъалаи ташкили корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар назди муассисаҳои таълими касбӣ ва омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ ба худи роҳбарони ин муассисаҳо, яъне асосҳои менеҷмент афзалият дорад ва тадриҷан ин кор амалӣ бояд шавад.

Инчунин дар системаи Марказҳои таълимии системаи Вазорат Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон” фаъолият дорад. Айни замон дар ин муассиса касбомӯзии 270 нафар маъюбону ятимон ва бепарасторони синни мактабӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин литсей-интернат ҷавонони қобилияти ҷисмониву фикриашон маҳдуд ба таълиму тарбия ва табобат фаро гирифта шудаанд, ки аз ин теъдод 165 нафар маъюб, 6 нафар ятим, 1 нафар бепарастор, 20 нафар аз оилаҳои маъюбон ва боқимонда аз оилаҳои камбизоат мебошанд.

Барои такмил додани заминаҳои моддиву техникии филиалҳои Марказ ва рушди таълими касбии шаҳрвандон тадбирҳо, аз ҷумла густариши ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ватанӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон роҳандозӣ шуда истодаанд.

Дар ин ҷода махсусан ҳамкориҳо бо Ҷамъияти Ҳамкории байналмилалии Олмон, Раёсати оид ба ҳамкорӣ ва рушди Туркия, Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират ва Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолониТоҷикистон натиҷаҳои хуб дода истодаанд.

Дар сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” низ мавҷуд аст, ки дар ҷодаи касбинтихобкунӣ, расонидани хизматҳои машваратӣ ва касбӣ ба корҷуёну шаҳрвандони бекор, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ хизмат мерасонад.

Бо назардошти муҳим будани ин самти фаъолият, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул гардид, ки мувофиқи ин санад дурнамои нақшаи фаъолият дар ин соҳа муайян шуд.

Дар ҳамин замина фаъолияти “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” роҳандозӣ шуда, тайи давраи ҳисоботӣ кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ ҷамъ ба 13867 нафар хизмати касбӣ расониданд.

Аз ҷумла дар ВМКБ ба 678 нафар, вилояти Суғд 2746, Хатлон 3190, шаҳри Душанбе 3712 ва дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ба 3541 нафар хизмати касбӣ расонида шуд.

Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки ба онҳо хизмати касбӣ расонида шуд 3691 нафарро бекорон, 1256 нафарро занон, 148 маъюбон, 1591 ҷавонони синни 15 то 29 сола, 246 ҷавонони аз сафи Артиши миллӣ озодшуда ва 450 нафарро шахсони дорои маълумоти олӣ ташкил медиҳанд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолият дар ин самт гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ дар миёни ҷавонон – хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корҷӯёну шаҳрвандони бекор мебошад.

Солҳои охир, мувофиқи маълумоти аксар марказҳои тадқиқотии мустақим тадриҷан мушкилшавии вазъи бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз ин лиҳоз, барои арзёбӣ намудани вазъи ба амал омада Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ҳамкорӣ бо «Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ» дар шаҳри Душанбе тадқиқотро дар мавзӯи «Вазъи кор доир ба масъалаҳои бокортаъминшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва мутахассисони ҷавон» анҷом дод.

Тадқиқот аз мавқеи муқоиса намудани нуқтаи назари намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корфармоён ба мушкилот ва дурнамои бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ сурат гирифт.

Чунин муносибат ба тадқиқот имконият фароҳам овард, ки вазъи ба амал омада дар масъалаи бокортаъминшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мустақиман ва воқеӣ арзёбӣ гардад.

Ба пурсиш 32 муассисаҳои таҳсилоти касбии шаҳри Душанбе фаро гирифта шуданд, ки аз ин шумора 13 адад муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (40,6%), 7 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (21,9%) ва 12 адад (37,5%) муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошанд.

Муассисаҳои таҳсилоти касбии мавриди пурсиш қароргирифта барои ҳама бахшҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ мутахассисон тайёр менамоянд.

Аз 32 адад ташкилоту муассиса ва корхонаҳое, ки ба пурсиш фаро гирифта шуданд, 18 ададро корхонаҳои хусусӣ (56,2%) ва 14 ададро корхонаҳои давлатӣ (43,7%) ташкил намуданд.

Соҳаи фаъолияти ташкилоту муассиса ва корхонаҳои мавриди пурсиш қароргирифта ба маорифу санъат, тандурустӣ, хизматрасонӣ ва саноат алоқаманд буд.

Дар тадқиқот масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд:

- Оё вазъи бокортаъминшавии хатмкунандагон тағйир ёфтааст?
- Талабот ба хатмкунандагон чӣ гуна аст?
- Кадом касбу ихтисосҳо дар бозори меҳнат талабот доранд?
- Сатҳи музди меҳнати хатмкунандагон бояд чӣ қадар бошад?
- Хатмкунандагон бояд дорои кадом сифатҳо бошанд?
- Кадом омилҳо барои бокортаъминшавии хатмкунандагон мусоидат мекунанд?

Дар диаграммаи 1 маълумот оид ба вазъи бокортаъминшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз нигоҳи корфармоён ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ оварда шудааст.




Тавре аз маълумоти дар диаграмма овардашуда бармеояд 53,1 фоиз аз намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бар он ақидаанд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ хуб ва зуд бо кор таъмин мешаванд. Ин ақидаро танҳо 25 фоизи корфармоён дастгирӣ менамоянд.

Ба таври дигар, дар нуқтаи назари сохторҳои калидии бозори меҳнат, яъне пешниҳодкунандагони қувваи корӣ ва корфармоён фарқияти калон ба мушоҳида мерасад.

Баланд баҳогузорӣ намудани раванди бокортаъминшавии хатмкунандагон аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти касбӣ пеш аз ҳама масъалаи нигоҳ доштани эътибори худи ин муассисаҳо мебошад, на дарки воқеият, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ сатҳи тахассусии кофӣ надоранд ва аз ин хотир зимни бокортаъминшавӣ ба мушкилот дучор мешаванд.

Ин далел бо он собит мегардад, ки дар навбати худ наздик 19 фоизи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корфармоён ҷонибдори ақидаанд, ки хатмкунандагон бо мушкилӣ бо кор таъмин мешаванд.

Дар ҳамин радиф, қобили таваҷҷӯҳ аст, ки 50 фоизи корфармоён хеле кам бо кор таъмин шудани хатмкунандагонро иқрор шуда, ҳамзамон мусолиҳакорона қайд менамоян, ки аксари онҳо бо кор таъмин намешаванд (6,2%). Ҳамин нуқтаи назарро ду маротиба зиёдтар муассисаҳои таълими касбӣ низ эътироф менамоянд (12,5%).

Дар асл, агар омори расмиро оиди бокортаъминшавии ҷавонон таҳлил намоем маълум мегардад, ки вазъи мавҷуда ба манфиати мутахассисони ҷавон – хатмкунандагони муассисаҳои таълими касбӣ нест (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.** Раванди бокортаъминшавии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2011[1-2].

(ҳазор нафар)

| **Бокортаъминшавӣ** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ [1] | 46,4 | 41,5 | 48,9 | 35,9 | 46,1 |
| Аз ҷумла : ҷавонон [2] | 9,5 | 10,9 | 12,9 | 13,0 | 14,8 |
| Ҳиссаи ҷавонони бо кор таъминшуда | 0,20 | 0,26 | 0,26 | 0,36 | 0,32 |

Дар назари аввал ба мушоҳида мерасад, ки раванди бокортаъминшавии ҷавонон бемайлон афзоиш дорад ва аз 9,5 ҳазор нафар дар соли 2007 то 14,8 ҳазор нафар дар соли 2011 расидааст, ки афзоиш ба 55,8 фоиз рост меояд.

Вале, агар ҳиссаи ҷавононро дар сохтори аҳолии қобили меҳнат ба назар гирем (52,1% ё 2 миллиону 348 ҳазор нафар), пас афзоиши раванди бокортаъминшавии ҷавонон нокифоя мебошад [3].

Аз ин хотир, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ислоҳи вазъи мавҷудаи раванди бокортаъминшавии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд, ки муҳимтарини онҳо Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009, №372) ва Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №598) мебошанд.

Дигар бахши муҳим дар тадқиқот муайян намудани талаботи корфармоён ба мутахассисони ҷавон буд.

Дар диаграммаи 2 ҷамъбасти нуқтаи назари намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корфармоён оиди талабот ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ оварда шудааст.




Бояд қайд намуд, ки ҳам корфармоён ва ҳам муассисаҳои таҳсилоти касбӣ талаботи зиёдро ба мутахассисони ҷавон пешгӯӣ мекунанд.

Наздик 47 фоизи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва 50 фоизи корфармоён ҷонибдори ин мавқеъ мебошанд.

[1] Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[2] Мувофиқи маълумоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират

[3] Омори солонаи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- соли 2010, С. 24

Дар баробари ин, ҷиҳати талабот ба мутахассисони ҷавон ва бокортаъминшавии онҳо нуқтаи назари корфармоён як хел нест ва фарқ мекунад.

Ҳамин тавр, 50 фоиз корфармоён талаботи зиёдро ба мутахассисони ҷавон иқрор шуда, 50 фоизи дигар иброз доштанд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ хеле кам бо кор таъмин мешаванд, 18,7 фоиз қайд намуданд, ки душвор бо кор таъмин мешаванд ва 6,2 фоизи дигар бар он ақидаанд, ки аксари мутахассисони ҷавон бо кор таъмин намешаванд.

Чунин мавқеъ саволеро ба миён меорад: агар талабот ба хатмкунандагон зиёд бошад (тавре худи корфармоён иброз доранд), пас барои чӣ онҳо хеле кам бо кор таъмин мешаванд? Аз ҳисоби паст будани сатҳи тахассуси касбӣ ё нарасидани ҷойҳои корӣ?

Агар ба назар гирифта шавад, ки ба ҳисоби миёна ҳар сол наздик 100,0 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода мешаванд, пас вазъи ба вуҷудомадаро чӣ тавр бояд шарҳ дод?

Аз нигоҳи мо алҳол раванди таълими касбӣ дар ҷумҳурӣ ба талаботи бозори меҳнат начандон мувофиқ аст ва сатҳи тахассуси касбии хатмкунандагон низ беҳбудиро меҳоҳад.

Бинобар ин хеле муҳим аст, ки ҳарчӣ зудтар ислоҳот дар соҳаи таълими касбӣ гузаронида шавад, заминаҳои моддию техникӣ, таълимию истеҳсолӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мустаҳкам карда шуда, тарҳҳои гуногуни ҳамкорӣ миёни марказҳои таълимӣ ва истеҳсолот таҳияву дар амал татбиқ гарданд.

Илова ба ин зарур аст, ки стандартҳои миллии касбу ихтисосҳо ва барномаҳои таълими касбии дар заминаи ин стандартҳо таҳияшуда дар фаъолияти тамоми муассисаҳои таълими касбӣ ҷорӣ карда шавад.

Қисмати муҳими дигар дар тадқиқот аз муайян намудани касбу ихтисосҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат иборат буд.

Дар диаграммаи 3 натиҷаҳои пурсиши корфармоён ва муассисаҳои таълими касбӣ доир ба мавзӯъ пешниҳод мешаванд.




Таҳлили натиҷаҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳам корфармоён ва ҳам муассисаҳои таълими касбӣ тақрибан сохтори ягонаи талаботро ба касбу ихтисосҳо тарафдорӣ менамоянд.

Мувофиқи ҳамин таҳлилҳо ҷойи аввалро касбу ихтисосҳои коргарӣ, муҳандисию техникӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ишғол менамоянд.

Аз рӯи талабот дар бозори меҳнат мутахассисони соҳаи маркетинг ва реклама, тандурустӣ, маориф зинаҳои миёна ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, иқтисод, муҳосибот, савдо, кадрҳои роҳбарикунандаву эҷодӣ ва кишоварзӣ зинаҳои поёнро ишғол намуданд.

Зинаи аз ҳама поёнро ишғол намудани талабот ба мутахассисони соҳаи кишоварзӣ асос дорад, зеро шаҳри Душанбе пойтахт аст ва дар шаҳр эҳтиёҷ ба чунин мутахассисон кам аст.

Аз ҷониби дигар, бараъло мушоҳида мегардад, ки корфармоён талаботи зиёдро ба касбу ихтисосҳое нишон медиҳанд, ки бештар ба истеҳсолот хос аст. Муассисаҳои таълими касбӣ бошанд, қариб ҳамаи ихтисосҳоеро, ки дар ин муассисаҳо омӯзонида мешаванд.

Чунин мавқеъгирӣ бори дигар собит месозад, ки раванди таълими касбӣ мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат амалӣ намешавад ва равобити ҳамкорӣ миёни марказҳои таълимӣ ва корфармоён дар сатҳи паст қарор дорад.

Аз ҷумла, аз мавқеи корфармоён талаботи зиёд ба касбҳои коргарӣ вуҷуд дорад (50%), баъдан ба мутахассисони муҳандисию истеҳсолӣ (46,8%), технологияҳои инноватсионӣ (43,7%). Талабот ба муҳосибону аудиторҳо

(18,7%), ҳуқуқшиносон (15,6%), иқтисодчиёну кадрҳои роҳбарикунанда (9,4%) ва кормандони эҷодӣ (6,2%) мебошад.

Бояд қайд намуд, ки омили муҳими дигар барои бо кор таъмин шудани ҷавонон ин сатҳи музди меҳнат ба ҳисоб меравад.

Аз ин хотир, зимни пурсиш муқоиса намудани мавқеи корфармоён ва муассисаҳои таълими касбӣ доир ба сатҳи музди меҳнат низ зери таваҷҷӯҳ қарор дошт.

Дар диаграммаи 4 натиҷаҳои муқоисавии пурсиш доир ба сатҳи музди меҳнат барои мутахассисони ҷавон оварда шудаанд.




Тавре дида мешавад ҳудуди мувофиқи сатҳи музди меҳнат, ки ҳам аз ҷониби корфармоён ва ҳам муассисаҳои таълими касбӣ қайд карда мешавад, ин аз 600 то 1200 сомонӣ мебошад. Ҳудуди қобили таваҷҷӯҳи бештар аз 600 то 900 сомониро ташкил медиҳад.

Музди меҳнати аз 300 сомонӣ кам қобили таваҷҷӯҳ нест, вале намояндапгони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ музди меҳнати аз 600 то 1200 сомониро барои мутахассисони ҷавон пешниҳод менамоянд (40,6%).

Корфармоён бошанд, музди меҳнати аз 600 то 900 сомониро барои мутахассисони ҷавон кифоя мешуморанд ва ҷиддан ин мавқеъро ҷонибдор мебошанд (40,6%).

Аз нигоҳи мо низ сатҳи музди меҳнат аз 600 то 900 сомонӣ барои мутахассисони ҷавон бештар мувофиқ ба мақсад аст, зеро ба ҷойҳои корие, ки аз ин андоза музди меҳнати кам доранд, ҷавонон майл надоранд.

Дар баробари сатҳи музди меҳнат инчунин, талабот ба сифати мутахассисони ҷавон, ки асосан аз ҷониби корфармоён ташаккул меёбад, аҳамияти муҳим дорад.

Дар диаграммаи 5 ин маълумот ҷамъоварӣ шудааст.




Бояд қайд намуд, ки 53 фоизи корфармоён ва 43,7 фоизи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ талабот ва имконияти асосиро барои бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон дар дониши хуби соҳавӣ доштани онҳо мебинанд.

Ҳамчунин 43,7 фоиз намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва 28,1 фоиз корфармоён доштани қобилияти хуби корӣ ва ташаббускориро низ муҳим арзёбӣ менамоянд. Доштани таҷрибаи кориро 15,6 фоизи корфармоён ва танҳо 3,1 фоизи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ зарур медонанд.

Донистани забонро бошад, 3,1 фоизи корфармоён дастгирӣ намуда, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба ин омил умуман таваҷҷӯҳ зоҳӣр накардаанд, ки чунин муносибат ба назари мо хеле тааҷҷубовар буда, асоснок намудани он мушкил аст.

Ҳамин тавр, пурсиши мутақобилаи корфармоён ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ оиди муайян намудани талаботи зарурӣ барои бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон, дар мадди аввал доштани дониши хуби соҳавиро талқин менамояд.

Ба таври дигар, имрӯз зарурати гузариш аз нишондиҳандаҳои микдорӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ дар раванди таълими касбӣ ба миён омадааст.

Дар тадқиқот инчунин муайян намудани омилҳои мусоидаткунанда барои бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон низ мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар диаграммаи 6 маълумоте дарҷ шудааст, ки таъсири омилҳои мусоидаткунандаро барои бокортаъминшавии хатмкунандагон инъикос менамоянд.




Тавре корфармоён қайд менамоянд ба омилҳои муҳими мусоидаткунанда дар бокортаъминшавии ҷавонон: мақсаднок омода намудани донишҷӯён (34,4%), ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар корхонаҳо (25%), мутобиқсозии раванди таълими касбӣ ба талаботи бозори меҳнат (21,8%) ва ҳамкорӣ бо корфармоён (18,7%) дохил мешаванд.

Мақсаднок омода намудани донишҷӯён ва мутобиқсозии раванди таълими касбиро ба талаботи бозори меҳнат 31,2% муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ҳамкориро бо корфармоён 21,9% дастгирӣ менамоянд.

Яке аз омилҳои муҳим дар ҳавасмандгардонии корфармоён барои бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ин ҷудо намудани субсидия барои корфармоён мебошад, ки аз ин таҷриба дигар давлатҳо васеъ истифода менамоянд.

Мувофиқи натиҷаҳои пурсиш ин омил чӣ аз ҷониби корфармоён ва чӣ аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти касбӣ 9,4% арзёбӣ шудааст, ки шояд сабаби он алҳол дар вуҷуд надоштани ин механизм дар фаъолияти сохторҳои марбута бошад.

Дар баробари ин, ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолиро дар корхонаҳо ҳамагӣ 6,2% муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷонибдорӣ менамоянд, ки боиси таассуф аст.

Баръакс, бояд муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тамоми чораҳоро биандешанд, ки раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳо дар сатҳи баланд роҳандозӣ шавад.

Зеро ин яке аз омилҳои калидӣ дар барқарорсозии ҳамкориҳо миёни марказҳои таълимӣ ва корфармоён буда, барои бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон нақши муҳим дорад.

Ташкили шуғли муваққатӣ ва таҳияву роҳандозии барномаҳои иловагии таълими касбиро барои мутахассисони ҷавон на корфармоён ва на муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷонибдорӣ накардаанд

Аз мулоҳизаҳои болозикр бармеояд, ки омилҳои таъсирбахш дар бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон ин мақсаднок омода намудани донишҷӯён, мутобиқсозии раванди таълими касбӣ ба талаботи бозори меҳнат, ҳамкорӣ бо корфармоён ва ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳо ба ҳисоб мераванд.

Ин мавқеъро ҳам корфармоён ва ҳам муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тақрибан як хел дастгирӣ менамоянд, вале дар баробари эътироф намудани ин омилҳо хеле муҳим аст, ки онҳо дар амал татбиқ карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси натиҷаҳои пурсиши корфармоён ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ оид ба мушкилот ва дурнамои бокортаъминшавии хатмкунандагон – мутахассисони ҷавон чунин хулосаҳо кардан мумкин аст:

- намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба зиёд нишон додани имконияти бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон майл доранд (53,1%) дар ҳоле, ки 50%-и корфармоён чунин мешуморанд, ки мутахассисони ҷавон хеле кам бо кор таъмин мешаванд. Чунин мавқеи тарафҳо далел бар он аст, ки механизми мушаххаси воридшавии мутахассисони ҷавон ба бозори меҳнат вуҷуд надорад ва тадбирҳои мавҷуда, аз қабили ташкил намудани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар ташкилоту муассисаву корхонаҳо ва ғ., ба таври зарурӣ амал намекунад;
- хизматрасонии таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ начандон ба талаботи бозори меҳнат нигаронида шудааст, ки бевосита натиҷаи вуҷуд надоштани усулҳои босамари муайян намудани талаботи воқеии бозори меҳнат мебошад;
- заминаҳои мавҷудаи моддию техникӣ, таълимию истеҳсолӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои омода намудани мутахассисони баландихтисос нокифоя мебошанд;
- корфармоён барои бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон на он қадар майл доранд, гарчанде талаботро ба ин мутахассисон муҳим медонанд.

Бинобар ин, зарур аст, ки тадбирҳои муассири ҳавасмандгардонии корфармоён барои бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон таҳия ва амалӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр вазифаҳои дар назди вазорат гузошта шуда дар самти рушди касбии захираҳои меҳнатӣ мадди назари доимӣ қарор дошта тадбирҳои муассир ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо пайваста амалӣ мешаванд.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи 133 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 3103 нафар бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии Барнома 68,9 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта (3539 нафар) 436 нафар кам мебошад.

Дар миқёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар ВМКБ 376 нафар, вилояти Суғд 743 нафар, вилояти Хатлон 1096 нафар, шаҳри Душанбе 222 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 666 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Аз шумораи шаҳрвандоне, ки ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб шудаанд, 1210 нафарро занон ва 1202 нафарро ҷавонон ташкил намуданд.

Бояд қайд намуд, ки ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднок ба ҳайси чорабинии муваққатан ба шуғл ҷалб намудани шаҳрвандони бекор нақши муҳим дорад.

Мутаассифона, дар ташкили ин чорабиниҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо бемасъулиятӣ зоҳир мегардад, ҳол он ки

тавассути ин тадбир корҳои хеле зиёдро дар самти ободониву кабудизоркунии маҳалҳо, бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ, сохтмону таъмири роҳҳо ва корҳои соҳилмустаҳкамкуниро анҷом додан мумкин аст.

Дар диаграммаи зерин сохтори соҳавии ташкили корҳои ҷамъиятии музднок бо ҷалби шаҳрвандони бекор оварда мешавад.




Таҳлили сохтори соҳавии ташкили корҳои ҷамъиятии музднок нишон медиҳад, ки наздик 88 фоизи корҳои ҷамъиятӣ асосан аз корҳои кабудизоркунӣ ва ободонӣ иборат мебошанд. Ин дар ҳолест, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» ва Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 2011, №56 “Дар бораи тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 “Дар бораи тасдиқи номгӯи корҳои ҷамъиятӣ” иҷрои 53 номгӯи корҳои ҷамъиятӣ тасдиқ шудааст.

Ба таври дигар, имрӯз танҳо 11,3 фоиз аз номгӯи корҳои ҷамъиятӣ ташкил ва гузаронида мешаванд, ки хеле кам аст.

Аз ин хотир, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳоро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати тақвияти фаъолият дар ташкили корҳои ҷамъиятӣ ва ба ин васила таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии маҳалҳо ва таъмини аҳолии бекор ба шуғли муваққатӣ тадбирҳои бетаъхир биандешанд.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ**. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 3824 нафар шаҳрвандон ба маблағи 714562 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки нисбати иҷроиши Барнома 72,1 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011-ум (2675 нафар ва 826945 сомонӣ) теъдодан 1149 нафар зиёд ва 112383 сомонӣ кам мебошад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 402 нафар 87215 сомонӣ, вилояти Суғд ба 1203 нафар 223100 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 1188 нафар 171162 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 374 нафар 109943 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 657 нафар 123142 сомонӣ кӯмакпули барои бекорӣ ба шаҳрвандони бекор пардохт карда шуд.

Бо мақсади дастгирии молиявии занони бекор бошад, тайи давраи ҳисоботӣ ба 209 нафар занон дар ҳаҷми 76098 сомонӣ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин ва пардохт гардид.

Таҳлили сифатии раванди таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо барои бекорӣ нишон медиҳад, ки дар давраи мадди назар аз ҳисоби табақаҳои осебпазир дар бозори меҳнат ба 484 нафар шаҳрвандони аз корхонаҳо ихтисоршуда ва озодшуда, 821 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озодшуда ва 2506 нафар ҷавонони аз Қувваҳои мусаллаҳ озодшуда чунин кӯмакпулиҳо таъин ва пардохт шудаанд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл мадди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

**Роҳнамоии касбӣ**

Дар оғози нимсолаи аввали соли 2012 фармоиши муштараки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Нақша - чорабиниҳои муштараки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба «Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 23.02.2012, №314,32 ба имзо расониданд, ки мавриди иҷро қарор дорад.

Дар нимсолаи аввал дастури методӣ бо номи «Касбинтихобкунӣ: мақсад ва вазифаҳо» бо теъдоди 500 нусха ва тавзеҳномаҳо бо номи «Мафҳумҳои асосии тадқиқоти сотсиологӣ», "Тавсияи методӣ барои шахсоне, ки касб интихоб менамоянд", "Роҳнамоии касб", "Соҳибҳунар", "Меҳри касб" бо теъдоди 250 нусхагӣ аз чоп баромад. Инчунин дастури методӣ бо номи «Кишоварз» омодаи чоп аст.

Кормандони Марказ дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озоде, ки аз тарафи мақомотҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлону Суғд ташкил ва гузаронида шуда буд, ширкат варзида, бо 680 нафар корҷӯён тадқиқотҳои сотсиологӣ ва бо 947 нафар машваратҳои фардӣ гузарониданд, ки дар шаҳри Душанбе – 241 нафар, дар ВМКБ - 78 нафар, дар вилояти Суғд - 135 нафар, дар вилояти Хатлон - 313 нафар ва дар НТҶ – 180 нафар рост меоянд.

Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки ба ярмаркаҳо ашхоси касбу кори гуногун, ки дархӯрди талаби бозори имрӯза аст, мурочиат карданд. Аз натиҷаи таҳлили тадқиқотҳои гузаронидашуда хулосае бармеояд, ки сабаби асосии бекор мондани шаҳрвандони ҷумҳурӣ: иваз шудани ҷойи истиқомат, мувофиқ набудани шароити корӣ, иваз шудани ихтисос, ихтисор шудани кадрҳо

ва ё баста шудани корхона, бо сабаби паст будани маош, бо сабаби саломатӣ ва то ҳол дар ягон ҷой кор накардани онҳо мебошад. Бояд қайд намоем, ки 90-95% шаҳрвандони дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод муроҷиаткунанда шуғле надоранд, бекоранд, аз инҳо 30-35%-ро ҷавонон ташкил дода, 23 нафар шаҳрвандони маъюб, ки барои дарёфти ҷойи кор ба ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Душанбе мурочиат карда буданд, машваратҳои фардию равонӣ гузаронида, барои дарёфти ҷойи кори мувофиқ маслиҳатҳои муфид доданд. Чунин машваратҳо дар ВМКБ бо 29 нафар, дар вилояти Суғд бо 49 нафар, дар вилояти Хатлон бо 20 нафар ва дар НТҶ бо 21 нафар маъюб гузаронида шуд, ки ҷамъ 142 нафарро ташкил дод.

Кормандони Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ мувофиқи нақшаи корӣ дар бозорҳои «Мардикор» бо 403 нафар корҷӯ тадқиқотҳои сотсиологӣ ва бо 467 нафар корҷӯ машваратҳои фардӣ гузарониданд, ки дар шаҳри Душанбе - 130 нафар, дар ВМКБ - 57 нафар, дар вилояти Суғд - 123 нафар ва дар НТҶ - 157 нафар рост омад. Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки ба бозори «Мардикор» шахсони касбу кори гуногун барои таъмини талаботи моддии оилаҳои худ рӯ овардаанд. Сабаби асосии ба бозори «Мардикор» рӯ овардани мардон бешуғлӣ ва кам будани музди маош мебошад. Ба саволи «Дархости Шумо?» дархост намудаанд, ки барои шаҳрвандон ҷойҳои кории холӣ муҳайё намоянд, мехоҳанд касби мувофиқро аз худ кунанд, корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори пурра ба кор дароянд ва музди маошро зиёд намоянд.

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2012 доир ба мавзӯи «Вазъи иқтисоди бозоргонӣ аз нигоҳи Шумо» (бо кормандони системаи буҷавӣ) дар 16 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо 887 нафар ва дар 14 ташкилотҳои буҷавии ноҳияи Рӯдакӣ бо 695 нафар, ҷамъ бо 1582 нафар кормандони системаи буҷавӣ тадқиқотҳои сотсиологӣ гузарониданд.

Натиҷаи таҳлили тадқиқот нишон дод, ки аз 1582 нафар кормандони ситемаи буҷавӣ 76,4% занон, 23,6% мардон, аз ҷиҳати миллат 81,2% тоҷикон, 16,8% узбекон ва 2% русҳо мебошанд. Аз инҳо 67,7% бо маълумоти олӣ, 7,5% бо маълумоти олии нопурра, 16,2% бо маълумоти миёнаи махсус ва 8,6% бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият карда истодаанд. Омӯзгорон аз рӯи ихтисоси худ 90,1% ва табибон 9,8% кор мекунанд. Ба саволи «Касби дӯстдоштаи Шумо?» - 84,1% - омӯзгор, 11,7% - табиб,0,5% - иқтисодчӣ, 1,6% - коргузор, 1,2% - рӯзноманигор, 0,3% - муҳандис, 0,1% - барномасоз ва 0,5% - ронанда ҷавоб гардондаанд. Аз шумораи 1582 нафар кормандони системаи буҷавӣ 77,7% - аз рӯи ихтисоси худ кор мекунанд, 15% - аз рӯи ихтисоси худ кор намекунанд, 4,7% - мехоҳанд ягон ихтисоси дигар гиранд, 1,9% - ба ихтисос ниёз надоранд ва 0,7% - бо андешаҳои дигар арзёбӣ намудаанд. Вазъи иқтисоди бозоргониро 25,4% - шароити корӣ хуб аст, 15,3% - шароити корӣ нест, 31,9% - вазъият дигаргунӣ мехоҳад, 26,9% - эҷодкорӣ лозим аст ва 0,5% - андешаҳои дигар ҷавоб гардондаанд. Миқдори музди маоши кормандони системаи буҷавӣ: 4,6% - то 150 сомонӣ, 14,5% - то 200 сомонӣ, 60,8% - то 300 сомонӣ ва 20,1% - то 500 сомониро ташкил медиҳад, бинобар он маоши мегирифтагиашон 3%-ро қаноатманд, 30,9%-ро қисман қаноатманд ва 66,1%-ро қаноатманд

намегардонад. Маош ва нархи бозорро 93,3% -маош паст, нарх баланд арзёбӣ намуданд.

Инчунин тадқиқот доир ба мавзӯи «Вазъ ва зарурияти касбинтихобкунии наврасон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ» бо 1451 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи И.Сомонии ш.Душанбе ва бо 952 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Ҳисор, ҷамъ бо 2403 нафар тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд.

Аз ҷумла, таҳлили тадқиқоти сотсиологие, ки бо 188 нафар хатмкунандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Ҳисор гузаронидашуда нишон дод, ки синну соли дар тадқиқот иштироккунандагон гуногун буда, аз 14 то 19 соларо дар бар гирифт. Аз шумораи 188 нафар хатмкунандагони мактаб 44,2% духтарон ва 55,8%-ро писарон ташкил намуданд, ки аз ин миқдор хатмкунандагони синфҳои 9 – 43,1%, 10- 29,8% ва 11 – 27,1% -ро ташкил дод. Аз ҷиҳати миллат 98,4% тоҷикон ва 1,6% узбекҳо буданд.

Ба саволи «Касби дӯстдоштаи Шумо?» - духтур – 36,8%, ҳуқуқшинос – 13,9%, иқтисодчӣ -5,8%, омӯзгор – 2,6%, барномасоз – 1,6%, дӯзанда –5,3%, соҳибкор -6,9%, ронанда – 5,3%, забоншинос – 2,6%, варзишгар – 4,3%, ҳавопаймо – 1,6%, деҳқон – 3,1%, ошпаз – 1,6%, рассом – 1,6%, рӯзноманигор-1,2%, касбҳои дигар – 3,7% ва 2,1% то ҳол касберо интихоб накарданд.

Бояд қайд намоем, ки 55,8%-и хатмкунандагон дар бораи касби дӯстдоштаи худ маълумоти мукаммал доранд, 15,9% - маълумот надоранд, ба 10,1% - тавсия доданд, 11,3%- шунидаанд, барои 4,3% фарқ надорад, ки кадом касбро интихоб мекунанд.

Аз натиҷаи таҳлили тадқиқот аён гашт, ки 4,3% - бо анъанаи оилавӣ, 34,6% - бо маслиҳати волидайн, 4,6% - бо маоши баланд, 1,6% - бо маслиҳати омӯзгорон, 39,4% - бо хоҳиши шахсӣ, 3,7% - бо майлу рағбат ба меҳнат, 8,5% - бо обрӯ ва эътибор, 0,5% - барои инкишоф додани қобилияти худ ва 0,5% - барои шароити хуби меҳнат касби ояндаи худро интихоб кардаанд.

Аксарияти хатмкунандагон 39,4% бо «хоҳиши шахсӣ» касби худро интихоб карда бошанд ҳам, аммо таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки касби дӯстдоштаашон ба соҳае, ки дар оянда кор кардан мехоҳанд мувофиқат намекунад. Хатмкунанандагони мактаб аз касбҳои нави замонавӣ ва бозори меҳнат бехабаранд. Бештари онҳо духтур (36,8%), ҳуқуқшинос (13,9%) ва иқтисодчӣ (5,8%) шудан мехоҳанд, ки ин ба талаботи бозори меҳнати имрӯза ҷавобгӯ нест.

Бо мақсади муайян намудани шавқу рағбати хонандагон нисбати интихоби бошууронаи касб дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7,11,12,13,26,34,53,60,61,62-и ноҳияи И.Сомонӣ, №20,21,29,31,48,63,79-и ноҳияи Шоҳмансур, №50,54,60,87,93,95-и ноҳияи Сино, №24,28,45,51,72,74,75,76-и ноҳияи Фирдавсӣ, марказҳои таълимӣ, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, мактаб – интернати №1, литсейи махсуси маъбон ва Омӯзишгоҳи махсуси касбӣ – техникии №1 бо хатмкунандагон ва касбомӯзон машваратҳои гурӯҳӣ ва равонӣ гузарониданд. Ҳамаи пурсишҳо таҳлил ва рамзкушоӣ карда шуда, дастраси хонандагон гардиданд. Дар ин машваратҳо 2918 нафар хонандагон иштирок намуданд.

Инчунин мутахассисони шӯъбаҳо ва бахш дар вилоятҳо, нуқтаҳои машваратии ноҳияҳои тобеи ҷумҳур дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,2,3,4,5,6,12,16,23,32,33,30,36,49-и вилояти Суғд бо 1550 нафар, №5,7,8,9,10,12,13,28-и ВМКБ бо 400 нафар, №1,2,54,10,1,29 ва Литсейи техникии ноҳияи Вахши вилояти Хатлон бо 2729 нафар, №1,37-и ноҳияи Рӯдакӣ бо 633 нафар, №1,2,30-и ноҳияи Ваҳдат бо 557 нафар, №1,5,10-и ноҳияи Ҳисор бо 343 нафар, №3,4,29-и ноҳияи Файзобод бо 538 нафар ва №1,98,101-и ноҳияи Турсонзода бо 508 нафар, дар маҷмӯъ бо 7258 нафар хонанда машваратҳои гурӯҳӣ гузарониданд.

Кормандони шӯъба дар «Ҳафтаи интихоби касб»-и мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №32- н. Сино, №52-и н.И.Сомонӣ, №28-и н.Фирдавсии ш. Душанбе, №1,5,6,54- вилояти Хатлон, №1,4,5,17,23-и вилояти Суғд, №6-и ВМКБ, №34,37-и н. Рӯдакӣ, №2-и н.Турсунзода, №2,6-и н.Ваҳдат, №4-и н. Ҳисор иштирок намуда, бо хонандагон машваратҳои гурӯҳӣ, сӯҳбату вохӯриҳо ва семинарҳо гузарониданд.

Дар ин нимсола дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Фирдавсӣ дар мавзӯи «Касбро бояд бошуурона интихоб намуд», №4, 34-и ноҳияи И.Сомонӣ дар мавзӯи «Интихоби касб – талаби замон», №38-и ноҳияи Сино дар мавзӯи «Ҳамаи касбҳо хубанд», №25, 32 дар мавзӯи «Интихоби бошууронаи касб» семинар-машваратҳо гузаронида шуд. Дар ҷараёни семинарҳо баромадкунандагон ва собиқадорони меҳнат дар бораи бо туфайли меҳнати ҳалол соҳиби обрӯю эътибор гардидани худ нақл намуданд.

Чунин семинарҳо, вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар бо собиқадорони меҳнат дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,2,5,6,10,54,56-и вилояти Хатлон, №4,5,18,21,27,32,49, мактаби президентии вилояти Суғд, №6,12-и ВМКБ, №6,30, 135-и шаҳри Ваҳдат, №4,30,34,101, литсейи президентӣ, хоҷагии деҳқонии Ҳоҷи Камоли шаҳри Турсунзода, №22-и ноҳияи Файзобод, №1,2,3,5,7,-и ноҳияи Рӯдакӣ ва №4,5,11,16, мактаби мусиқии ноҳияи Ҳисор низ гузаронида шуданд.

Дар самти машварати касбӣ ва интихоби касб дар ВМКБ якҷоя бо кормандони Амнияти миллии вилоят бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ дар қисми ҳарбӣ ва қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи дар шаҳри Хоруғ буда, рӯзҳои «Дарҳои кушод» ташкил намуданд. Дар ин чорабинӣ намояндагони Комиссарияти ҳарбӣ, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, маориф ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ иштирок намуда, доир ба интихоби касб бо хонандагони синфҳои 11 сӯҳбат намуда, ба саволу дархостҳои онҳо посуххҳои қаноатбахш доданд.

Бо мақсади ёрии амалӣ расонидан ба ашхоси корҷӯ ва бекор, ки ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияҳои шаҳри Душанбе муроҷиат намуданд, кормандони Марказ бо 486 нафарашон машваратҳои фардӣ гузаронида, ба онҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ марказҳои таълимии бозомӯзӣ маълумотҳо пешниҳод намуданд. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати вилояту ноҳияҳо, мутахассисони вилояти Суғд бо 343 нафар, вилояти Хатлон бо 120 нафар, ВМКБ бо 65 нафар ва мутахассисони ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур бо 561 нафар ашхоси корҷӯе, ки ба ин раёсатҳо муроҷиат кардаанд, машваратҳои фардӣ гузарониданд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ барои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №543 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» кормандони шӯъба дар маҳаллаи Помири ноҳияи Шоҳмансур бо 21 нафар наврасон ва ҷавонон вохӯрӣ гузарониданд. Дар ин вохӯрӣ кормандони Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияи Шоҳмансур ва падару модарон иштирок намуданд. Инчунин оиди иҷроиши қарори болозикр кормандони шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби вилояти Суғд бо 5 нафар ашхоси дар асоси моддаи 2 банди 3-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» озодшуда, сӯҳбат – машваратҳои равонӣ гузарониданд.

Барои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №278 «Дар бораи тасдиқи Барномаи кор бо ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» дар марказҳои кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ва н.Фирдавсӣ бо 44 нафар наврасони касбомӯз машваратҳои гурӯҳӣ гузаронида шуд.

Кормандони шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби вилояти Суғд якҷоя бо нозирони минтақавии ноҳияҳо дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №52-и шаҳри Исфара, №27-и ноҳияи Ҷ. Расулов, №2-и шаҳри Конибодом ва №1-и шаҳри Чкаловск бо хонандагони мушкилтарбияи дар қайди милиса буда, сӯҳбат ва машваратҳои фардию равонӣ гузарониданд.

Кормандони шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо оид ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба қонуншиканӣ ва ба ҷиноят даст задании ноболиғон, мусоидат намудан ба кӯдакони ятиму бепарастор ва вусъат додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ дар байни ноболиғони душвортарбия дар шаҳри Қурғонтеппа бо 25 нафар, дар ноҳияи Бохтар бо 55 нафар, дар ноҳияи Ҳамадонӣ бо 12 нафар, дар ноҳияи Данғара бо 9 нафар ва дар шаҳри Норак бо 15 нафар, ҷамъ бо 116 нафар ноболиғон сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуданд.

Кормандони Марказ дар мактаби махсуси ҷумҳуриявии №1 бо 11 нафар хонандагони синфи 9 машваратҳои гурӯҳӣ гузарониданд. Таҳлил ва рамзкушоии пурсишномаҳо нишон дод, ки аз 11 нафар хонанда 3 нафар дар соҳаи варзиш ва ихтисосҳои ҳарбӣ, 2 нафар дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар дар соҳаи геология, 2 нафар дар соҳаи техника, 1 нафар дар соҳаи тиб ва 1 нафар дар соҳаи педагогика кор кардан мехоҳанд.

Кормандони Марказ барои шинос намудани хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо касбҳое, ки дар литсейҳои касбӣ - техникӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ омӯзонида мешаванд, дар рӯзҳои «Дарҳои кушод»-и Коллеҷи тиббӣ, ОКТ №52, литсейи туризм ва хизмати ш. Душанбе иштирок намуда, хонандагонро барои интихоби дурусти касб роҳнамоӣ намуданд. Чунин чорабиниҳо дар омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникии №14,30,50,56, Коллеҷи омӯзгорӣ, Коллеҷи тиббӣ, корхонаи саноатии «Ҷавонӣ», ДДХ, литсейи техникии №44, Коллеҷи ҳунарии мардумии вилояти Суғд, омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникии №16,9,6,4, Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Трансформатор»-и

вилояти Хатлон, Омӯзишгоҳи касбӣ – техникии №3, Коллеҷи фарҳангӣ ба номи Буйдоқов П.-и ноҳияи Рӯдакӣ, Омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Ваҳдат, Омӯзишгоҳи омӯзгории н.Ҳисор низ гузаронида шуд.

Кормандони Марказ дар ҳамкорӣ бо мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳо оиди шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ бо коргарон сӯҳбат ва машваратҳо гузаронида, ба марказҳои таълимии мақомоти Агнетии давлати ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират роҳнамоӣ намуданд, ки ин 272 нафар дар шаҳри Душанбе, 20 нафар дар ВМКБ, 190 нафар дар вилояти Суғд, 36 нафар дар вилояти Хатлон ва 216 нафар дар НТҶ, ҳамагӣ 734 нафарро ташкил медиҳад.

Тазаккур бояд дод, ки кормандони Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ бо 13867 нафар аҳолӣ хизматҳои касбӣ расониданд. Аз ҷумла: дар ВМКБ – 678 нафар, дар вилояти Суғд - 2746 нафар, дар вилояти Хатлон – 3190 нафар, дар шаҳри Душанбе – 3712 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ – 3541 нафар. (Маълумоти рақамӣ замима мегардад).

### III. Дар самти муҳоҷирати аҳолӣ

Агентӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ фаъолияти кории худро дар нимсолаи аввали соли 2012 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масоили муҳоҷират, супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монда, дар самти муҳоҷирати аҳолӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2012 Агентӣ бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ ва пешгирии ҳодисаҳои номатлуби табиӣ ва ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори деҳот, рушти соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 “Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013», рӯйхати муҳоҷироне, ки соли 2012 аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонида мешаванд дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуда, ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намуд ва он дар асоси Фармоиши Раиси комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда аз 4 апрели соли 2012, №19/1-2-05 тасдиқ гардид.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, №47 “Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳӣ Барқӣ оби Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод” дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ноҳияи Нуробод ва Муассисаи давлатии “Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун”, ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирони аз минтақаи зериобмонии НБО Роғун кӯчонидашавандаро барои соли 2012 омода ва тасдиқ намуд.

Ҳамзамон дар давоми нимсолаи аввали соли 2012, Агентӣ бо мақсади муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, инчунин дар асоси банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №263 "Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба чараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ" лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014"- ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил дод ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №91 тасдиқ карда шуд.

Инчунин лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530"ро таҳия ва ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ барои мувофиқа пешниҳод намуд. Мутаассифона, лоиҳа аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ карда нашуд.

Бо мақсади идома додани кӯчонидани аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2015»-ро таҳия намуд ва унвонии вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ барои пешниҳоди фикру мулоизаҳо пешниҳод намудааст.

Фаъолияти Агентӣ дар шаш моҳи соли равон дар самтҳои мухталифи муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ чунин аст:

**Муҳоҷирати экологӣ:** Дар нимсолаи аввали соли 2012 кор дар ин самт Танзими муҳоҷирати экологӣ тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013», аз 20 январи соли 2009, №47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод» ба роҳ монда мешавад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011 - 2013» соли 2012 бояд аз минтақаҳои хавфноки экологии ҷумҳурӣ 300 хоҷагии муҳоҷирон кӯчонида шаванд, аз ҷумла; ВМКБ – 49 хоҷагӣ, вилояти Суғд – 48, вилояти Хатлон - 104 ва ноҳияҳои тобеи марказ - 99 хоҷагӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ, тибқи харҷномаи тасдиқгардида дар соли 2012 - 3077190 сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз он 2769471 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 307719 сомонӣ кӯмаки якдафъаинаро ташкил медиҳад.

Баъд аз мувофиқа бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати 300 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ барои пардохти қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ ба Комиссияи давлатии оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки он аз 4 апрели соли 2012, таҳти №19/1-2-05 тасдиқ гардид.

Ба ҳолати 22 июни соли 2012 ба 286 хоҷагии дар мавзеъҳои хавфнок истиқоматдошта ба андозаи 858000 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 22100 сомонӣ кӯмаки яквақтаинаи моддӣ, ки дар маҷмӯъ 968150 сомониро ташкил медиҳад, ба воситаи шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Ҳамин тариқ, ба ҳолати 22 июни соли ҷорӣ 99 хоҷагӣ аз минтақаҳои хавфноки экологии ҷумҳурӣ кӯчонида шудааст, аз ҷумла; дар ВМКБ - 25 хоҷагӣ, вилояти Хатлон - 34 ва ноҳияҳои тобеи марказ – 40 хоҷагӣ, ки ин 33 % нақшаи солонаро ташкил медиҳад.

Аз 48 хоҷагии вилояти Суғд то ҳол ягон хоҷагӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида нашудаанд. Гарчанде, ки аксарияти хоҷагиҳо бо қитъаҳои замини наздиҳавлигии мувофиқ, қарзи имтиёзнок ва кӯмакпулии яквақтаина таъмин гардида бошанд ҳам, сабаби асосии накӯчидани муҳоҷирони экологии вилояти Суғд ин пеш аз ҳама саривақт аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии маҳаллӣ дуруст муайян нагардидани қитъаҳои замин, дастрас нагардидани сертификати замин, надоштани маблағҳои кофӣ барои идомаи сохтмони манзили истиқоматӣ аз тарафи муҳоҷирон мебошад.

Бо ин мақсад Агентӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мактуби расмӣ доир ба ҳаллу фасли масъалаҳои ҷобаҷокунии муҳоҷирони дар минтақаҳои хавфноки экологӣ истиқоматдошта ирсол намуд. Ҳамзамон, масъулини сохторҳои Агентӣ дар вилояти Суғд бо муҳоҷирон корҳои фаҳмондадиҳиро оиди хатарнок будани мавзеи зисти онҳо ва ҳарчи зудтар кӯчидан аз ин мавзеъҳо идома дода истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки яке аз сабабҳои саривақт кӯчидани муҳоҷирон дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ин номусоид омадани боду ҳавои зимистону баҳори соли 2012 мебошад. Айни замон мақомоти тобеи Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни хоҷагиҳое, ки аз минтақаҳои хавфнок кӯчонида мешаванд ҷоннок намуда, баҳри пешгирии ҳама гуна ҳодисаҳои нохуши табиӣ дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо чораҳои мушаххас андешида, кӯчонидани муҳоҷиронро ба минтақаҳои бехавф таъмин менамоянд.

Новобаста аз он, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, № 332 бояд аз минтақаҳои хавфноки экологӣ, ки дар соли ҷорӣ 300 хоҷагӣ кӯчонида шавад, илова бар асари сербориш омадани зимистону баҳори соли 2012 ва дар асоси дархостҳои пешниҳод намудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ зиёда аз 484 хоҷагӣ аз ҷумла, ВМКБ - 35 хоҷагӣ, вилояти Хатлон – 199, вилояти Суғд – 9 хоҷагӣ, ноҳияҳои тобеи марказ – 241 хоҷагӣ дар минтақаҳои хавфнок истиқомат дошта дар зери хатари ҷиддӣ қарор доранд, ки кӯчонидани ин хоҷагиҳо ба

мавзеъҳои бехавф бо пардохти қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ зарур аст.

Бинобар ин, аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ унвонии вазорат оиди кӯчонидан ва маблағгузории ин хоҷагиҳои ғайринақшавӣ дархост ворид гардидааст.

Муттассифона, барои пардохти хоҷагиҳои зарардидаи соли ҷорӣ дар харҷномаи Агентӣ маблағ пешбинӣ нагардидааст. Дар баробари ин хоҷагиҳои болозикр ба ҳодисаҳои фавқулоддаи табиӣ дахл дошта, аз ҷониби Кумитаи давлатии ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағҳои кӯмаки яквақтаина ва дигар маводҳои зарурӣ рӯзгор таъмин карда мешаванд.

Маблағҳое, ки барои самти муҳоҷирати экологӣ дар харҷномаи Агентӣ дар соли 2012 ҷудо гардидааст, танҳо ба 300 хоҷагии дар нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани хоҷагиҳои дар минтақаи хавфноки экологӣ истиқомат дошта пешбинӣ гардидааст.

Аз ин лиҳоз, нисбати ҷудо намудани маблағҳои иловагӣ барои хоҷагиҳои зарардидаи минтақаҳои хавфноки экологии ғайринақшавии соли ҷорӣ вазорат унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ирсол намудааст ва дар ҳолати дастгирӣ ёфтани масъалаи мазкур Агентӣ вазифаҳои дар ваколат доштаашро сари вақт иҷро менамояд.

Айни замон, кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф идома дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари корҳои ба анҷом расонидашуда дар раванди кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаҳои хавфнок муттасадиёни соҳа ба мушкилиҳои зиёд низ рӯ ба рӯ мешаванд. Пеш аз ҳама, на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Дар навбати худ барои эҳтиёҷоти муҳоҷирони дар минтақаҳои хавфноки экологӣ истиқоматдошта саривақт ҷудо нагардидани қитъаҳои замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ мебошад.

Сабаби дигари саривақт накӯчидани муҳоҷирони экологӣ ин нокифоягии маблағҳои ҷудогардида ва маблағҳои шахсии муҳоҷирони экологӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ бошад, инчунин дигар сабаб ба мавзеи нави бехавф накӯчидан худи сардорони хоҷагиҳо мебошад, ки хоҳиши ба мавзеъҳои нав рафтанро надоранд.

Аз ин сабаб рафти кӯчонидани муҳоҷирон махсусан дар шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷанкенти вилояти Суғд, шаҳри Кулоб, ноҳияҳои Ховалинг, Панҷи вилояти Хатлон, шаҳрҳои Турсунзода , Роғун ва ноҳияи Файзобод ташвишовар мебошад.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 таҳти назорати доимии Агентӣ қарор дорад.

Агентӣ ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, №47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун

кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод» тадбирҳо андешида, дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Роғун, Турсунзода ва ноҳияҳои Нуробод ва Рӯдакӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Тибқи накшаи пешниҳод гардида, дар давоми солҳои 2009-2015 теъдоди 3139 хоҷагӣ ё 5139 оила бояд, аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун ба мавзеъҳои интихобгардида бояд кӯчонида шаванд.

Бо ҳамин мақсад соли 2009 аз шаҳри Роғун -131 оила ва аз ноҳияи Нуробод – 165 оила ба шаҳри Турсунзода, ба ноҳияи Данғара 133 оила, ба шаҳраки навбунёди Дарбанди ноҳияи Нуробод 112 оила, ҷамъ 541 оила кӯчонида шуд.

Рафти кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаи зериобмонии НБО «Роғун» дар соли 2010 идома ёфта, ҷамъ 499 оила ба шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Нуробод, Рӯдакӣ ва Данғара кӯчонида шуданд. Аз ҷумла аз шаҳри Роғун - 44 оила ва аз ноҳияи Нуробод 15 оила ба шаҳри Турсунзода. Аз ноҳияи Нуробод ба ноҳияҳои Данғара - 54 оила, Рӯдакӣ-231 оила ва ба шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод - 153 оила кӯчонида шуданд.

Дар соли 2011 бошад аз ноҳияи Нуробод ба шаҳри Турсунзода 77 оила, шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод 50 оила ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 40 оила, ҷамъ 167 оила кӯч бастанд.

Мутаассифона, то имрӯз масъалаи 67 оилае, ки аз ҳудуди шаҳри Роғун ба деҳаи Чормағзаки шаҳри Роғун бояд кӯчонида мешуданд, ҳалли худро ба пурраги наёфта, масъалаи ҷудо намудани қитъаи замин дар дигар мавзеъ мавриди баррасӣ қарор дорад.

Муҳоҷирони кӯчонидашуда қарзи имтиёзнокро ба маблағи 3000 сомонӣ ба (ҳар як сардори оила) ва кӯмаки яквақтаина ба андозаи 300 сомонӣ (ба оила) тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон гирифтанд.

Дар давоми солҳои 2009 - 2011 аз минтақаи зериобмонии «НБО Роғун» дар маҷмӯъ 1205 оила кӯчонида шуда, бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд, аз ҷумла аз шаҳри Роғун 175 ва ноҳияи Нуробод 257 оила, ҷамъ 432 оила ба шаҳри Турсунзода, аз ноҳияи Нуробод ба ноҳияҳои Данғара-227, Рудакӣ-231 ва ба шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод 315 оила.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда дар маҳаллаҳои нави истиқоматӣ 250 оила зиндагӣ дорад ва муҳоҷирони боқимонда ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ машғул мебошанд.

Соли ҷорӣ бо мақсади иҷрои қарори мазкур ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун барои соли 2012 таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки дар асоси он бояд 300 оила бо шумораи умумии 1283 аъзои оилаи муҳоҷирон ба дигар мавзеъҳо кӯчонида шаванд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун рӯйхати 85 оилаи аз минтақаи якӯми зериобшавандаи НБО Роғунро баъд аз мувофиқа барои маблағгузорӣ пешниҳод намуд, ки аз ҷонибӣ Агентӣ дар моҳи майи соли ҷори маблағгузорӣ карда шуда, рӯзҳои наздик ба маҳаллӣ нави истиқоматӣ деҳаи Саидони шаҳри Роғун кӯчонида мешаванд.

Бо мақсади саривақт кӯчонидани оилаҳо аз минтақаи зериобмонӣ рӯйхати ном ба ном ва ҳуҷҷатҳои шахсии оилаҳои кӯчонидашавандаро дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод барои кӯчонидан ба мавзеъҳои нави муайянгардида идома дода истодааст.

Сохторҳои зертобеи Агентӣ дар шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолии аз минтақаи зериобмонии НБО «Роғун» кӯчонидашаванда ба роҳ монда аст.

Тибқи ахбори фаврӣ ба ҳолати имрӯза вазъи мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон бо назардошти корҳои иҷрошуда чунин аст:

**шаҳри Турсунзода:**

Аз минтақаи зериобмонии НБО «Роғун» то имрӯз ба шаҳри Турсунзода аз шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод 432 оила кӯчонида шудааст. Аз шумораи умумии кӯчонидашудагон 400 сардори оила ба қайди доимӣ гирифта шуда, ҳамаи онҳо бо дафтарчаи муҳоҷирӣ таъмин карда шудаанд.

То имрӯз ба 259 оила аз 30 то 100% маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амволашон аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун» пардохт карда шуд. Дар ин мавзеъ 152 хонаи истиқоматӣ сохта, боми онҳоро пӯшониданд, 121 оила девори хона бардошта, 52 оилаи дигар таҳкурсии хона гузошт, 30 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накардаанд. Дар мавзеи муайяншуда аз 432 оилаи муҳоҷирон айни замон 74 оила истиқомат доранд.

То имрӯз ба 376 сардори оила қарзи имтиёзнок ба маблағи 3000 сомонӣ ба (ҳар як сардори оила) ва кӯмаки яквақтаина ба андозаи 300 сомонӣ (ба оила) тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Турсунзода пардохт карда шудааст. Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» сохтмони бунгоҳи тиббӣ, гузаронидани хатти қувваи барқ, чоҳи амудӣ барои оби нӯшокӣ ба анҷом расонида шуда, сангфарш кардани роҳҳои дохилихоҷагӣ ва шинондани хатти обгузар идома дорад. Сохтмони мактаби миёна оғоз нагардидааст.

**ноҳияи Данғара:**

Айни замон аз 250 оилаи ба нақша гирифташуда барои кӯчонидан ба ноҳияи Данғара 227 оила кӯчонида шуда, бо таҳкурсию қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Ҳамзамон, Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» ба 164 оила маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амволашонро ба андозаи аз 50 то 100% пардохт намудааст.

Дар ин мавзеъ корҳои сохтмонӣ идома ёфта, 140 оила манзили истиқоматиашонро ба пуррагӣ сохта, 19 оила деворҳои хонаашонро бардошта, 30 оила таҳкурсии хонаҳоро омода намуда, 14 оила ба корҳои сохтмонӣ шурӯъ карда, 24 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накарданд. Айни замон аз 227 оила дар ин маҳалла 118 оила бо шумораи умумии 530 нафар истиқомат доранд.

Аз 227 оилаи нақшавӣ дар ин ноҳия 219 оила аз маблағҳои қарзи имтиёзнок ба миқдори 3000 сомонӣ (ба ҳар як сардори оила) ва кӯмаки яквақтаинаро ба андозаи 300 сомонӣ (ба оила) истифода бурданд. Дар ин маҳалла муҳоҷирон бо

қувваи барқ, роҳ, оби нӯшокӣ ва полезӣ ва дигар иншоотҳои зарурӣ таъмин мебошанд. Бунгоҳи тиббӣ ба истифода дода шуда, сохтмони мактаби таҳсилоти умумӣ то ҳол оғоз нагардидааст.

**ноҳияи Нуробод:**

Ба шаҳраки навбунёди Дарбанд то имрӯз аз минтақаи зериобмонии НБО «Роғун» 315 оила кӯчонида шуда, бо хона, таҳкурсӣ ва замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Айни замон ба 112 оила ба андозаи аз 40 то 100% маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амвол аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун» пардохт гардидааст. Рафти корҳои сохтмонӣ идома дорад. Айни ҳол 90 хона пурра тайёр буда, 18 оила девор бардошта, 46 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 68 оила ба корҳои сохтмонӣ оғоз намуданд, 93 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накарданд. Дар мавзеи муайяншуда аз 315 оилаи муҳоҷирон айни замон 27 оила истиқомат дораду халос.

Ҳамаи 315 оилаи муҳоҷирони ба шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод кӯчонидашуда, қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаро гирифтаанд.

**ноҳияи Рӯдакӣ:**

Ба мавзеъҳои Теппаи Самарқандӣ ва Моинкаҷи ноҳияи Рӯдакӣ аз минтақаи зериобмонии НБО-Роғун то имрӯз 231 оила кӯчонида шуда, дар чор мавзеи муайянгардида ба 231 оила замини наздиҳавлигӣ ҷудо гардидааст. Айни замон ба 110 оила маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амвол аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» пардохт шуда, 226 оила маблағҳои қарзи имтиёзнок ва кӯмакпулиашонро гирифтанд.

Ҳоло дар ин мавзеъ 50 хонаи истиқоматиро сохта, 8 оила девор бардошта, 48 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 30 оила ба корҳои сохтмонӣ оғоз намуда, 95 оилаи боқимонда кори сохтмониро оғоз накардаанд.

Аз 231 оилаи муҳоҷирон 31 оила айни замон дар маҳалли нави зист истиқомат доранд.

Новобаста аз корҳои анҷомдодашуда, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирони кӯчонидашуда бо қитъаи замин таъмин гардида бошанд ҳам, аммо рафти сохтмони он ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуда, аксарият ба корҳои сохтмонӣ оғоз накардаанд.

Илова бар ин роҳҳои дохилихоҷагӣ, хатти оби полезию нӯшокӣ ва дигар иншооти фарҳангию маърифатӣ ба пуррагӣ омода нестанд. Сохмони мактаби миёна дар ҳамаи мавзеҳои муҳоҷирон то ҳол оғоз нагардидаанд.

Аз тарафи дигар, на ҳамаи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои қабулкунанда вазифаҳои дар наздашон гузошташударо иҷро мекунанд.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, № 47 таҳти назорати Агентӣ қарор дорад.

**Камбудиҳои ҷойдошта ва зарурати ҳалли он.** Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо рӯйхати аниқшуда ва ҳуҷҷатҳои шахсии муҳоҷирони экологӣ унвонии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират саривақт пешниҳод карда намешаванд.

Дар бисёр мавридҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо минтақаҳои хавфноки ҷойдоштаро ба инобат нагирифта, қарорҳои худро нисбати ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматии муҳоҷирони экологӣ ба тасвиб намерасонанд.

Ба ин ноҳияҳо мисол шуда метавонанд: ноҳияи Мурғоби ВМКБ, шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Шаҳритус, Балҷувони вилояти Хатлон ва ноҳияи Нуробод.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқӣ обии "Роғун", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тарафи интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирони аз минтақаи зериобмонӣ кӯчонидашаванда:

- саривақт пардохт накардани маблағи арзиши хонаҳои истиқоматӣ ва дигар амволи хонаводаҳои кӯчонидашаванда;

- бе мувофиқа таҳия кардани рӯйхати аҳолӣ ва кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонӣ;

- саривақт аз ҷониби Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи Барқӣ обии Роғун" ва вазорату идораҳои дахлдор омода нанамудани мавзеи нави ҷойгиршавии муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ ва полезӣ, барқ, таъмири роҳҳои дохилихоҷагӣ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва бунгоҳи тиббӣ.

**Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ):** Дар нимсоали аввали соли 2012 кор дар ин самт асосан аз рӯи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012», аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол», аз 30 октябри соли 2010, №557 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»», аз 2 июни соли 2011, № 263 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ»», аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» ва аз 1 марти соли 2012, №91 "Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014" ба роҳ монда шудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 дар соли 2012 бояд дар ҷумҳурӣ 951 оила ихтиёрӣ кӯчонида шавад, аз ҷумла дар вилоятҳои Хатлон-120 оила, Суғд-512 оила ва НТҶ-319 оила.

Бо мақсади иҷрои саривақтии қарори болозикргардида ва пешниҳоди рӯйхати аниқшудаи муҳоҷирони дохилӣ барои соли 2012, аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 27 сентябри соли 2011 таҳти №14.2/2446 мактуби расмӣ ирсол гардид.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мӯҳлатҳои муайяншуда тибқи нақша рӯйхати аниқшудаи муҳоҷиронро барои маблағгузорӣ ва кӯчонидани онҳо дар давоми соли 2012 пешниҳод карданд. Рӯйхати таҳияшуда аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 марти соли ҷорӣ тасдиқ карда шуд.

Дар нимсолаи аввали соли 2012 дар ҷумҳурӣ 445 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) кӯчонида шуданд, ки ин 47%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 100 оила, Суғд 80 оила ва НТМ 265 оила.

**Муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) ба таври зайл кӯчонида шуданд:**

**Вилояти Хатлон**

Аз ноҳияи Вахш 5 оила ба ноҳияҳои Н. Хусрав ва 5 оила ба ноҳияи Шаҳритус, аз ноҳияи Шӯрообод 10 оила ба ноҳияи Шаҳритус, аз ноҳияи Қубодиён 80 оила ба ноҳияи Носири Хусрав.

**Вилояти Суғд**

Аз ноҳияи Ғончӣ 40 оила ва аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 40 оила ба ноҳияи Зафаробод.

**НТМ**

Дар ҳудуди шаҳри Роғун 45 оила, дар ҳудуди ноҳияи Варзоб 50 оила, аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияҳои Вахш 5 оила, Ёвон 20 оила, Ҷиргатол 30 оила ва дар ҳудуди ноҳияи Рашт 40 оила ва ба ноҳияи Ҷиргатол 40 оила, аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол 35 оила.

**Эзоҳ:** 105 оила аз ноҳияҳои Рашт – 40 оила, Тоҷикобод – 30 оила ва Ҷиргатол – 35 оила соли 2011 кӯчонида шудааст.

Ба 136 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ)-и кӯчонидашуда дар ҷумҳурӣ маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 204000 сомонӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Аз ҷониби Вазорати молия барои муҳоҷирони дохилӣ дар соли 2012 маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 1426500 сомонӣ ва барои интиқоли онҳо 1145122 сомонӣ, дар маҷмӯъ 2571622 сомонӣ ҷудо гардида буд.

Бояд қайд кард, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №35-ф аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии соли ҷорӣ 1275824 сомонӣ аз харҷномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират барои муҳоҷирати дохилӣ пешбинишуда гирифта барои ҷӯброни маблағи арзиши бинову иншоотҳо ва хонаҳои истиқоматии кӯчонидашавандае, ки дар зери сохтмони Филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара ҷойгир шудаанд, равона намуд, ки дар натиҷа маблағгузории 710 оилаи боқимондаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҳудуди ҷумҳурӣ иҷро нагардидааст.

Агентӣ бо мақсади истифода намудани маблағҳои қарзи имтиёзнок аз харҷномаи Агентӣ, ки барои муҳоҷирати экологӣ пешбини гардидааст унвонии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби дархости аз 4 июни соли 2012, №14.2/1521 ирсол намуда, хоҳиш кардааст, ки аз ҳисоби харҷномаи экологӣ ба харҷномаи дохилӣ гузаронидан мусоидат намояд. Дар ҳолати ҳал гардидани

масъалаи мазкур муҳоҷирони кӯчонидашудаи дохилӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Бо сабаби номусоид омадани боду ҳавои зимистон ва баҳори соли равон кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ ба таъхир гузошта шуд ва дар семоҳаи сеюми соли ҷорӣ кӯчонидани муҳоҷирон саривақт амалӣ карда мешаванд.

Бо мақсади суръат бахшидан ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» баъд аз баргузории ситоди ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Турсунзода аз 27 январи соли 2011, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта як қатор корҳоро анҷом дод.

Дар ҷаласаи охирони Ситоди ҷумҳуриявӣ, ки 27 январи соли 2011 баргузор гардида буд, доир ба иҷрои қарори болозикр дар назди вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода вазифаҳои аниқу мушаххас гузошта шуданд.

Инчунин доир ба баргардонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ), ки аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода кӯчонида шуданд, якчанд супоришҳои протоколии маҷлисҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ низ мавҷуданд, лекин ин масъала то охир ҳалли худро наёфтааст ва раисони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро зарур аст, ки нисбати муаммои ба амаломада тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Лекин ба вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода муяссар нагардид, ки талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супоришҳои минбаъдаи ҷаласаҳои Ситоди ҷумҳуриявиро пурра таъмин намоянд ва нигоҳ накарда ба кӯшишҳои зиёди мақомоти дахлдори давлатӣ камбудиҳо то ҳоло вуҷуд доранд.

То баргузории Ситоди ҷумҳуриявии моҳи январи соли 2011 дар шаҳри Турсунзода хамагӣ 466 оиали муҳоҷирони дихилӣ (ихтиёрӣ)-и кӯчонидашуда будубош доштанду халос, ки он ба иҷрои қарори болозикр пурра ҷавобгӯ шуда наметавонист.

Бо сабаби сари вақт иҷро нагардидани масъалаҳои гузошташуда аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, мавҷуд набудани шароитҳои муносиби моддию маишӣ барои зист, ташкил накардани хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ бо мақсади ҷалб намудани муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, фаро нагирифтани муҳоҷирон бо ҷойҳои кории доимӣ ва надоштани пасандоз барои пешбурди зиндагӣ қисме аз муҳоҷиронро маҷбур сохт, ки муваққатан мавзеъҳои худро тарк намуда, бо мақсади дарёфти пули зарурӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба фаъолияти мардикорӣ машғул шаванд.

Ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта то имрӯз як қатор корҳо анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

Бо мақсади суръат бахшидан ба таъмини иҷрои қарори мазкур аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода барои ба шуғл фаро гирифтани муҳоҷирони дохилии кӯчонидашуда чораҳои амалӣ андешида шуда, муҳоҷирон барои ободонӣ, кабудизоркунӣ,

кандан ва тоза намудани каналу ҷуйборҳо дар мавзеъҳои нави зисташон ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар карда шуданд.

Аз ҳисоби муҳоҷирони кӯчонидашуда тавассути курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзи 126 нафар муҳоҷирон бо ихтисоси дӯзанда(чевар) ва асосҳои компютер ба омӯзиш ҷалб гардиданд. Инчунин дар давоми соли 2011 то имрӯз ба 26 нафар муҳоҷирони аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон кӯчонидашуда маблағи 66600 сомонӣ қарзи имтиёзнок барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дода шуд.

Барои бо ҷойи кор таъмин намудани муҳоҷирон дар шаҳри Турсунзода тадбирҳо андешида бо роҳхати худ 227 нафар муҳоҷиронро то имрӯз бо ҷойи кор таъмин намудааст, аз ҷумла 58 нафар ба шӯъбаи маориф, 11 нафар ба маркази саломатӣ, 59 нафар ба КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик», 6 нафар ба КФД “Алюминсохтмон”, 4 нафар ба корхонаи обу корезӣ, 2 нафар ба шӯъбаи сохтмон ва меъморӣ, 6 нафар ба терминали мусофирбарии “Фирӯз”, 1 нафар ба корхонаи табъу нашр, 3 нафар дар бонки “Эсхата”, 1 нафар дар Агентии суғурта ва нафақа, 6 нафар дар ШКД-и шаҳр, 5 нафар дар шӯъбаи фарҳанги шаҳр, 24 нафар дар сохтмони мактабҳои мавзеъҳои Галаботур(8), Пахтабой(18), Тегирмон(6), 62 нафар дар бозори марказии шаҳри Турсунзода, 1 нафар дар бахши танзими ҷашну маросимҳо дар ҷамоати 10-солагии Истиқлолият ва як нафари дигар дар Ҷамоати деҳоти Навобод.

Раванди чунин корҳо дар соли ҷорӣ низ идома дода мешаванд.

Дар давоми соли 2011 ва июни соли 2012 кӯчонидан ва интиқоли молу амволи 123 оилаи муҳоҷирон аз ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Темурмалик, Шӯрообод, Фархор, Ховалинг ва Мӯъминобод ба шаҳри Турсунзода таъмин карда шуд. Соли равон низ дар ин кор кӯмак расонида хоҳад шуд.

Мавриди зикр аст, ки ба ду оилаи муҳоҷирони мавзеи Галаботур (аз ноҳияи Восеъ) аз ҳисоби заминҳои хоҷагии “Наврӯз” ба миқдори 2 га замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва ба як оилаи муҳоҷир аз ноҳияи Ҳамадонӣ 1 га замин аз ҳисоби заминҳои хоҷагии “Намуна” барои ташкили боғ ҷудо карда шудааст.

Аз баргузории Ситоди ҷумҳуриявӣ 27 январи соли 2011 то имрӯз Агентӣ дар ҳамкори бо сохторҳои зертобеъ дар маҳалҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз шумораи умумии 534 сардори оилаи ба ҷойҳои пештараи зисташон баргашта 532 оилаи онҳоро ба мавзеъҳои нави зист дар шаҳри Турсунзонда мутташаккилона баргардонида овард, ки ин пешравии кор дар рафти иҷрои қарори мазкур мебошад.

Инчунин, аз шумораи умумии 70 оилаи муҳоҷирони ноҳияи Восеъ 68 оила ба шаҳри Турсунзода баргардонида шуда, аз онҳо 42 оила девори хона бардошта, 14 нафари дигар таҳкурсии хона рехта, корҳои сохмониро идома дода истодаанд ва айни ҳол зиндагӣ доранд. Бо сабаби дар муҳоҷирати мехнатӣ будани 2 сардори оила, онҳо ба мавзеи нави зист ҳозир нашудаанд.

Аз 1000 оилаи муҳоҷирони кӯчонидашуда ба ҳолати 20 июни соли 2012 ҳамагӣ 998 сардори оила бо шумораи умумии 2299 нафар муҳоҷирон дар мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирони шаҳри Турсунзода зиндагӣ менамоянд, аз ҷумла аз шаҳри Кӯлоб – 87, ноҳияҳои Данғара –123, Восеъ – 229, Шӯрообод – 88, Ҳамадонӣ – 197, Фархор – 45, Ховалинг – 68, Мӯъминобод – 75 ва Темурмалик – 86 оила.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда (1000 сардори оила), 833 нафар хонаҳои истиқоматиро сохта боми онро пӯшонидаанд, 128 нафар девори хонаҳоро бардоштанд, 39 нафар таҳкурсӣ(фундамент)-и хонаҳоро гузоштаанд.

Боиси таассуф аст, ки мақомоти дахлдор ба ҳолати 1 июни соли 2012 дар асоси Протокол бояд вазифаҳои ба зиммаашон гирифтаро иҷро мекарданд, лекин на ҳамаи он ҳаллу фасл гардид.

Мавриди зикр аст, ки Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади суръат бахшидан ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода мактуби расмӣ ирсол карда, хоҳиш намуд, ки барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда ва беҳтар кардани вазъи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар шаҳри Турсунзода мусоидат намуда тадбирҳои амалӣ андешанд.

Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, № 75, ки бо қарори Ситоди ҷумҳуриявӣ аз 27 январи соли 2011 тасдиқ гардидааст, як қатор корҳоро ба анҷом расониданд:

Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаҳои Қизил-юл, Пахтабой хатти қубури обгузарро танҳо дар як кӯча гузаронидаанду халос. Дар мавзеи Галаботур бо ёрдами мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ шаҳри Турсунзода як нуқтаи оби нӯшокӣ гузаронида шудааст, корҳои барқароркунии чоҳи амудӣ ва гузаронидани нуқтахои об то ҳоло ҳалли худро наёфтааст. Дар мавзеи Тегирмон бошад чоҳи амуди кофта шудаасту халос. Корҳои гузаронидани хаттҳои обгузар ба кӯчаҳо то ҳол оғоз наёфтааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сангфарш кардани роҳҳои дохили хоҷагӣ то ҳол ба охир расонида нашудааст. Дар деҳаи Қизил-юл чор кӯча сангфарш карда нашудааст. Аз қисми болои деҳаи Галаботур панҷ кӯча сангфарш карда нашудааст.

Дар мавзеи Тегирмон дар 3 роҳи қитъаи маҳалли зисти муҳоҷирон, дар ҷуйи нисбатан калони обгузар қубури калонҳаҷм гузошта нашудааст ва механизмҳо ба ин маҳаллҳо рафтуо карда наметавонанд ва чунин ҳолат ба иҷрои корҳои сохтмонӣ мамоният мерасонад.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Тегирмони ҷамоати деҳоти 10 солагии Истиқлолият шаш адад симчӯб шинонида нашудааст. Дар деҳаи Галаботури ҷамоати Навобод бошад ҳашт дона симчӯб шинонида нашудааст. Дар ҳаммаи мавзеҳо ба ҷои 3 ё 4 адад трансформатор танҳо яктои трасформатор кор карда истодаасту халос.

Дар деҳаи Пахтабойи ҷамоати деҳоти 10 солагии Истиқлолият аз тарафи КВД «Ширкати алюминийи Тоҷик» корҳо оид ба сохтмони бинои мактаби таҳсилоти умумӣ идома доранд.

Бояд қайд кард, ки мутахассисони Раёсати муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ чандин маротиба дар шаҳри Турсунзода ба мавзеъҳои нави зисти муҳоҷирон сафари хизмати намуда, аз аз буду боши муҳоҷирон дидан намуданд.

Баъд аз оне, ки унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби расмӣ оид ба баргузории Ситоди навбатӣ ирсол карда шуд, сармутахассиси шуъбаи

шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматов Н дар якҷоягӣ бо масъулини Агентӣ ба шаҳри Турсунзода сафари корӣ ҷиҳати пайдо намудани ошнои бо вазъи зисту зиндагонии муҳоҷирони дохилӣ анҷом доданд, ки аз натиҷаи он унвонии Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р. А. гузориш ирсол гардид.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол», корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Мутобиқи банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №557 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»» ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол дар соли 2011 таҳия гардида, аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2010 тасдиқ карда шуд.

Дар асоси банди 1 қарори мазкур дар давоми солҳои 2010 - 2014 ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол ҳамагӣ бояд 500 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, ва дохили ноҳияи Ҷиргатол кӯчонида шаванд, аз ҷумла соли 2011 - 195 оила: 125 оила аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, 30 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 40 оила аз ноҳияи Рашт, соли 2012 - 105 оила: 40 оила аз ноҳияи Рашт, 30 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 35 оила аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, солҳои 2013-2014 - 200 оилаи дигар аз ноҳияи Ҷиргатол.

Моҳи декабри соли 2010 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирони кӯчонидашаванда 172,06 га қитъаи замин дар мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол ҷудо карда шуд ва кӯчонидани муҳоҷирон дар моҳҳои апрел - майи соли 2011 оғоз гардид.

Дар марҳилаи аввал моҳҳои апрел майи соли 2011 ба 289 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 149 оила аз ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеи Лахши ноҳия Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Инчунин аз ҳисоби нақшаи солҳои 2013-2014 рӯзи 28 июли соли 2011 дар марҳилаи дуюм ба 200 оилаи муҳоҷирон аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеъҳои Лахши ҷамоати деҳоти Муксу, Дуванаи ҷамоати деҳоти Алға, Сарталои ҷамоати деҳоти Сартало ва Ҷаилғани ҷамоати деҳоти Лахши ноҳияи Ҷиргатол бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки дар маҷмӯъ 489 оиларо ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 20 июни соли равон ба 489 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 349 оила аз ноҳияи Ҷиргатол ба мавзеи Чоргули ҷамоати деҳоти Лахш, ба мавзеи Дуванаи ҷамоати деҳоти Алға, ба мавзеи Ҷаилғани ҷамоати деҳоти Лахш ва ба мавзеи Сарталои ҷамоати деҳоти Сарталои ноҳияи Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби Вазорат ба ҳар як сардори оила дар ҳаҷми 1500 сомонӣ, дар маҷмӯъ ба 500 оила 750000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и ноҳияи Ҷиргатол барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, № 430 як қатор корҳоро анҷом доданд:

Аз ҷониби Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи кулл ва нақшаи сохтмони хонаҳои истиқоматӣ таҳия шудааст.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бунгоҳи тиббиро дар ин мавзеъ ба пуррагӣ ба итмом расонида, бо ашёҳо таҷҳизонидааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то саршавии мавзеи муҳоҷирнишин сангфарш намудани 4 км роҳро анҷом дод.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сохтмони мактаб корҳоро оид ба кандани таҳкурсӣ оғоз намудааст.

Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани қубурҳои обгузар ҷиҳати таъмини муҳорирон бо оби нӯшокӣ дар масофаи 150 метр қубури обгузар кандасту халос.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирон 20 адад хаймаҳои ғунҷоишашон аз 10 то 20 нафариро ҷудо кард.

Сари вақт иҷро нагардидани масъалаҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, мавҷуд набудани шароитҳои муносиби моддию маишӣ барои зист ва бо сабаби саривақт таъмин набудани муҳоҷирон бо оби тозаи нӯшокӣ, интиқоли қувваи барқ, сангфарш ва ҳамвор набудани роҳҳои дохилихоҷагӣ ва иншооти дигари ҳаётан муҳим ба он оварда расонид, ки муҳоҷирон ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ оғоз накардаанд, ки ин боиси таасуф мебошад.

Мутобиқи бандҳои 2,3,4,5,6,7,8 ва 13-и қарори болозикр вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол вазифадор карда шуда буданд, ки соли 2010 дар доираи маблағҳои пешбинишуда корҳои омодагиро барои кӯчонидани муҳоҷирон дар асоси Нақшаи тасдиқгардида анҷом дода, доир ба бунёд намудани шаҳраки нави замонавӣ, ки дар он ҷо оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ ҷойгир карда мешаванд, чораҳои зарурӣ андешанд.

Инчунин масъалаи мазкур моҳи октябри соли 2010 ва моҳи майи соли 2011 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нисбати ҳалли онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд.

Мутаассифона, вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби як қатор вазорату идораҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол оид ба гузаронидани хатти барқ, оби нӯшокиву полезӣ, сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ ва иншооти дигари ҳаётан муҳим оғоз нагардидаанд.

Чунин вазъият иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистонро халалдор менамояд.

Бо ин мақсад унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб оиди баргузории ҷаласаи корӣ доир ба иҷрои қарори мазкур бо иштироки масъулини

вазорату идораҳои дахлдор омода гардидааст ва баъд аз дастури Шумо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» таҳти назорати қарор дорад.

Оид ба рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, №557 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»», аз 2 июни соли 2011, №263 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ» ва аз 1 марти соли 2012, №91 "Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014" ҳар семоҳа маълумоти фаврӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Камбудиҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ).**

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо саривақт рӯйхати аниқшуда ва ҳуҷҷатҳои шахсии муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) унвонии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт ворид намегарданд, ки ин боиси дар муҳлатҳои муайянгардида рӯйхати муҳоҷирон омода карда намешавад. Новобаста аз таҳкидҳои чандин карата як қатор шаҳру ноҳияҳо рӯйхатҳои муҳоҷиронро пешниҳод накардаанд, ки ба ин мисол шуда метавонанд мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Тоҷикободу Рашт.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзан дар ҳудуди вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) бар хилофи муқаррароти Низомнома «Дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад. Раисони шаҳру ноҳияҳо масъаларо ҷиҳати қабул ва ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон мувофиқа намуда, ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатномаи расмӣ пешниҳод менамоянд. Лекин, баъд аз қабули муҳоҷирон ва ба онҳо тақсим кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ, кафолатнома оиди таъминот бо оби нӯшокӣ, оби полезӣ, барқ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ, таъмири роҳҳо ва ғайраҳо иҷро намегардад ва чунин вазъ будубоши муҳоҷиронро дар мавзеи нави зист душвор мегардонад. Ба ин мисол шуда метавонанд мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Шаҳритусу Носири Хусрави вилояти Хатлон, ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва ноҳияи Тоҷикобод.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷро нагардидани нақша, ин шаҳодати ҳамкории нокифоя дар байни зерсохторҳои Агентӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Пешбарандаи сиёсати муҳоҷирати аҳолӣ дар маҳалҳо маҳз сохторҳои зертобеи Агентӣ - Сарраёсату раёсату шӯъбаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои чумҳурӣ маҳсуб меёбанд, лекин Агентиҳои маҳаллӣ

дар ҳалли масъалаҳо бемасъулияти нишон дода, қонунгузории соҳавиро низ хуб намедонанд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки минбаъд масъулини сохторҳои зертобеи Агентӣ ҷиддан маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муҳоҷирати аҳолӣ сармашқи кори худ қарор диҳанд.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади омӯзиши самти муҳоҷират, кормандони Раёсат дар курсҳои такмили ихтисос дар шаҳрҳои Қурғонтуппа, Кӯлоб, Хӯҷанд ва Хоруғ ширкат варзида ба иштироккунандаҳо масъалаҳои ҷойдоштаи муҳоҷирати дохилӣ ва экологиро фаҳмонида дода истодаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба Раёсат 179 мактубҳои расмӣ, аз он ҷумла; аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 62 адад, вазорату идораҳои дахлдор - 47, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо - 50, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 18, ва аризаи шаҳрвандон - 2 адад, оид ба кӯчонидан, ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон ва ҳоказо ворид гардидааст, ки ба ҳамаи онҳо саривақт ҷавоб ирсол карда шудааст.

**IV. Самти ташкилӣ ва назоратӣ.**

Дар шаш моҳи соли ҷорӣ 25 фармоишҳои дохилии Агентӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки 13 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар зерсохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд. Тайи ҳамин давра 27 нақшаи ҳафтаина, ки 843 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон 27 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ ва муовинони директор таҳия ва тасдиқ карда шуда, 892 супоришро дар бар мегирад, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ қарор доранд.

**Самти ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тибқи қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат фаъолият намуда, дар нимсолаи аввали соли 2012 дар самти ҳуқуқ ва сиёсати адрҳо корҳои мушахасеро ба сомон расонидааст.

**Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар Агентӣ 541 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 144, вилояти Суғд - 127, ВМКБ - 50, шаҳри Душанбе - 39 ва МҶРК - 40 воҳиди корӣ ҷудо карда шудааст. Аз ин шумора 338 нафар (63%) мард ва 184 нафарро (34%) занҳо ташкил дода, дар мансабҳои роҳбарикунанда 147 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 28 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.**

**Дар ин давра 228 фармоиш, аз ҷумла ҳайати кормандон 84, рухсатии меҳнатӣ – 70 ва сафарҳои хизматӣ – 74 адад ба тавсиб расида, бо 84 фармоишҳои ҳайати кормандон 47 нафар кормандон ба вазифа таъин, 19 нафар озод карда шудаанд, навбатдорӣ – 5 адад, 3 - адад муҷозот, 1- адад ҳавасмандгардонӣ, муқарар намудани собиқаи хизмати давлатӣ – 6 адад ва дигар фармоишҳо -3 адад ба имзо расидаанд. 70 фармоишҳои рухсатии меҳнатӣ ба 47 нафар рухсатии навбатии меҳнатӣ, 5 нафар рухсатии иловагии пардохтшаванда, 4 нафар**

**рухсатии барои таввалуд ва нигоҳубини кӯдак, 1 нафар фармоиши тамдиди рухсати меҳнатӣ, 10 нафар бинобар зарурияти корӣ аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд карда шудаанд, 3 нафар рухсатии бемузд таҳия гардида, бо 74 фармоишҳои сафари хизматӣ, 7 адад курси такмили ихтисос, 7 – адад сафари хориҷа, 60 адад сафари хизматӣ ба вилоятҳои ВМКБ, Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба тасвиб расидааст.**

Дар давоми нимсолаи аввали соли ҷорӣ 75 нафар хизматчиёни давлатӣ, 16 нафар кормандони ғизосанҷ, 12 нафар кормандони иҷтимоии муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 46 нафарашон занон мебошанд. Аз ин 2 нафар хизматчии давлатӣ барои баланд бардоштани савияи дониш дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳо иштирок намуданд, ки ҳардуи онҳо занҳо мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби хадамоти кадрии мақомоти Агентӣ оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005, № 289 «Дар бораи тасдиқи эъломия оид ба андоз ва эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» корҳо ба роҳ монда шуда дар натиҷа аз 541 воҳиди кории мансабҳои давлатӣ 532 нафар эъломия пешниҳод намуда 9 нафар боқимонда бинобар соли аввал дар мансабҳои давлатӣ фаъолият карданашон эъломия аз андоз пешниҳод накардаанд.

**Дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиикистоназ 25 январи соли 2011, №4-ҲК «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои навбатдорӣ дар қабулгоҳи Вазир», лоиҳаи фармоиши директор ва Қоидаҳои навбатдорӣ таҳия шуда бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи «Қоидаҳои навбатдорӣ» аз ҳисоби кормандони Агентӣ дар рӯзҳои истироҳат (шанбе, якшанбе) рӯйхати навбатдорон ва дар рӯзҳои ид рӯйхати шабонарӯзии навбатдорон тартиб дода шуда, дар дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои таркибӣ навбатдорӣ ба роҳ монда шудааст.**

Доир ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, № 496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» маълумот омода шуда, ба Вазорат пешиҳод карда шуд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2011, №20 ҲК «Дар бораи тадбирҳои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, № 1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар тамоми системаи Агентӣ гузаронида шуд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки оиди татбиқи иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.05.2011, №1074 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012, №16-ҲК дар

бораи Нақшаи чорабиниҳои Агентӣ ҷиҳатӣ иҷрои фармони болозикр таҳия ва ба тасдиқ расидааст, ки тибқи он соли ҷорӣ кормандони зерсорхотҳои Агентӣ зина ба зина ба ҷойивазкунӣ (ротатсияи) фаро гирифта мешаванд. Айни замон 9 нафар сардорони Раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иваз карда шудаанд.

Дар робита ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2012 оиди ҷойивазкунии (ротатсияи) роҳбарони сохторҳои Агентӣ як қатор роҳбарони муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ иваз карда шудаанд.

Аз ҷумла, Аминов Ҳикматулло Қадамович директори Муассисаи давлатии Истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» бо тариқи гузариш ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат», Пиров Ҷунайдулло Зубайдович директори Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ»-и н. Варзоб, Шамсуллоева Мавлюда Саидахмедовна директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ»-и н. Варзоб ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидаанд.

Қосимов Маҳмадулло Азимович сардори шӯъбаи банақшагирии хароҷоти давлатӣ ва иҷрои буҷети Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» ва Валиев Зувайдулло Буриевич, сардори Раёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вазорат дар ноҳияи Варзоб ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб» ҳамчунин бо тариқи гузариш иваз карда шудаанд.

**Оид ба такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Дар ин муддат ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовари Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3(се) лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 (ду) лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат таҳия гардиданд, аз ҷумла:

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014"-ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил додашуда ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки он 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №91 тасдиқ карда шуд;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 ки аз 1 марти 2012, №111;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба чараёни иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар самти касбомӯзии шаҳрвандони бекор”.

Дар ин давра ду лоиҳаи қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Аз ҷумла:

- лоиҳаи қарори Ҳайати мушоварaи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои ҳисоботи соҳавии омори шуғли аҳолӣ”;
- лоиҳаи қарори Ҳайати мушоварaи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд”.

**Кор бо субъектҳои хоҷагидор**

Фаъолият дар ин самт дар давраи сипаришуда тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, №518 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», ки ҳар соли тақвимӣ ба тавсиб мерасад, бо мақсади ҳифзи бозори меҳнати дохили кишвар ва ба танзим даровардани масъалаҳои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил намудани бонки иттилоотӣ оид ба муҳоҷирони меҳнатие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будубош доранд, ба роҳ монда шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2012 ба Агентӣ дархости 178 субъектҳои хоҷагидор барои гирифтани хулоса оид ба ҷалби қувваи кории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд, ки шумораи шаҳрвандони даъватшаванда 6304 нафарро ташкил медод. Аз ин шумораи умумӣ ба 170 субъекти хоҷагидор ба миқдори 3454 нафар шаҳрвандони хориҷӣ, хулосаи мусбӣ дода шудааст.

Ба як қатор субъектони хоҷагидор аз ҷониби Агентӣ хулосаи рад пешниҳод карда шуд, ки шумораи шаҳрвандони даъватшаванда 2850 нафар ташкил медиҳад. Сабабаш ҳимояи бозори меҳнати дохилӣ, пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои лозима ва маҳдуд будани квота мувофиқи фармони мазкур мебошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ асосан барои фаъолият дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ даъват карда шудаанд, аз он ҷумла: дар соҳаи сохтмон, коркарди оҳанпора ва оҳангудозӣ, истеҳсолӣ, хизматрасони дар ҳамаи самтҳои фаъолият, коркарди каъри замин дар конҳо, маъориф, фаъолияти фармасевтӣ, тиҷоратӣ, кишоварзӣ ва хизматрасонии тиббӣ мебошанд.

Дар баробари ин, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор ӯҳдадор шуданд, ки на кам аз 70%-и шаҳрвандони кишварамонро бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин менамоянд.

Дар ин давра ба Агентӣ75 мактубҳо ва ҳуҷҷатҳои гуногун аз мақомотҳои болоӣ ва мақомотҳои зертобеъ ворид гардиданд:

Аз ҷумла, аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо, фармоишҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дигар мақомотҳои зертобеъ, ки баъд аз баррасӣ ва муҳокима унвонии онҳо мактубҳои ҷавобӣ фиристода шуда, баъзеи онҳо зери назорати доимӣ ва иҷро қарор доранд.

**Дафтардорӣ ва коргузорӣ**

Дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират кор бо мурочиатҳои шаҳрвандон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» ва талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба ҳамин барои мувофиқакунонии санадҳои доҳилиидоравӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ корҳои ташкили гузаронида шуда, бо Сарраёсати бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи нави умумии парвандаҳои коргузорӣ (барои 5 сол) ва Дастурамали коргузорӣ дар Агентӣ мувофиқа гардид.

Тайи давраи сипаришудаи соли 2012 ба Агентӣ - **1530** адад хуҷҷат ворид шудааст.

Хусусияти хуҷҷатҳои қабулшуда чунинанд:
тавассути Вазорат

- супоришҳои Вазорати мехнат (танхо) - 331
- супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 176
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 35
- мактубхо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, сафоратхонаҳо - 40
- фармону, фармоишҳои Вазир - 39
- муқотибаи вазорату, идораҳо мактубҳо аз зертобеъи Агентӣ дар ш.Душанбе, вилоятҳо, шаҳру, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 408
- мурочиати шахрвандон (аризахо) - 501
- қабули муроҷиати шифохии шаҳрвандон - 22589

Таҳлили муросилоти **содиротӣ** нишон дод, ки дар нимсолаи аввали соли 2012 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират **1190 адад** хуҷҷатҳо таҳия ва ирсол карда шуд, ки дар муқоиса бо соли 2011 чунин аст:

- муқотибаҳои воридотӣ 195 адад кам 88,6 %)
- муқотибаҳои содиротӣ 200 адад кам (85,6 %)

Ба Агентӣ **501 адад муроҷиатҳои хаттии шаҳрвандон** ворид шудаанд, ки насбат ба соли 2011 (дар давраи ҳисоботӣ) 146 ариза (77,4 %) кам

мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки камшавии муроҷиатҳои шаҳрвандон ин дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар сохторҳои Агентӣ мебошад.

Дар давраи ҳисобот ба Агентӣ 4 муроҷиати коллективӣ, 30 муроҷиат тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, 7 адад аз Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олии ҶТ, 1 адад аз Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ, тавассути Вазорат бошад 115 адад ва 7 ариза баъди қабули шахсии Вазир дохил шудааст.

Шумораи муроҷиатҳо дар давраи (аз 1 январ то 25 июни ) соли 2012 воридгашта аз рӯи мазмунашон чунинанд :

| | |
|---|---|
| - дар бораи гирифтани кумаки модди аз тарафи Кумитаи имдоди имом Хумайни | 261 |
| - дар бораи гирифтани кӯмаки молиявӣ | 37 |
| - дар бораи дастрас намудани чиптаҳои имтиёзнок | 99 |
| - дар бораи дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 34 |
| - дар бораи дастрас намудани ходунок | 1 |
| - дар бораи дастрас намудани протези пой ва даст | 3 |
| - дар бораи дасрас намудани аппарати шунавоӣ | 1 |
| - оиди гирифтани роҳхатҳо ба истироҳатгоҳ | 27 |
| - оиди таъмини ба ҷои кори доимӣ | 17 |
| - оиди ҷудо намудани манзил | 4 |
| - оиди ҷойгир намудан барои табобат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 6 |
| - дар бораи гирифтани карзи имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкорӣ | 4 |
| - дигар масъалаҳо | 7 |

Дар муроҷиати шаҳрвандон пеш аз ҳама масъалаҳои расонидани кумаки моддӣ ва молиявӣ, дастрас намудани чиптаҳои итиёзнок, аробачаи маъюбӣ, ходунок, аппарати шунавоӣ , протези пой ва даст, роҳхат ба истироҳатгоҳҳо, гирифтани карзи имтиёзнок, таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ ва 60 % аризадихандагон дархости кӯмаки моддӣ ва молиявӣ доранд.

Аз ин 59,4 % (298 нафар) бо мазмуни ҷудо намудани кумаки моддӣ ва кумаки молиявӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ муроҷиат ворид шудааст. Асосан ин шаҳрвандон яккаву танҳо, нафақахурон, сатҳи зиндагониашон бениҳоят вазнин ва андозаи нафақаи мегирифтагиашон хеле кам мебошад.

Доир ба масъалаи ҷудо намудани чиптаи имтиёзноки истифодаи ҳавопаймо ва қатора ба самти Душанбе – Москва, Санк-Петербург, Волгоград, Екатеринбург бо мақсади табобат 99 нафар ё 19,7 % шумораи умумии муроҷиатҳоро ташкил медиханд.

Бо масъалаҳои ҷудо намудани роҳхат ба осоишгоҳҳо барои барқарор намудани саломатиашон 27 нафар ( 5,3 % ), аробачаи маъюбӣ 34 нафар (6,7 %) , 1 нафар барои гирифтани ходунок ва 3 ( 0,6 %) нафар барои сохтани протези пой ва даст муроҷиат намуданд .

17 нафар (3,4 %) барои таъмин кардан ба ҷои кори доимӣ, оиди гирифтани қарзи имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкорӣ 4 нафар ( 0,8%).

6 (1,2%) нафар ҷойгир намудан барои табобати фарзандашон ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ».

4 (0,8 %) нафар барои ҷудо намудани манзил.

Бо масъалаи гирифтани қарзи имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкорӣ 4 нафар муроҷиат намуданд

Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки аризаҳои шаҳрвандон сари вақт иҷро гардида, аз ин шумора 22 ариза ҷавобҳо ба ба Вазорат пешниҳод карда шуда, 5 ариза бо тариқи гузориш аз назорат бароварда ва 1 ариза дар зери назорат мебошад.

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2012 аз тарафи директор, муовинони директор, сардорони раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентӣ **1249 нафар шаҳрвандон қабул** карда шуданд.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Директори Агентӣ<br>Маҳмадуллоев Н.Р | 85 |
| 2. | Муовини аввали директор<br>Баротов Б.Х | 92 |
| 3. | Муовини директор<br>Адураҳмонов Б. | 11 |
| 4. | Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ<br>Қурбонов Н.М.<br>- Шӯъбаи рушди захираҳои мехнатиӣ<br>Гулшанов Р.<br>- Шӯъбаи шарикии иҷтимоӣ, рушд ва дастгирии соҳибкорӣ<br>Амирбеков М. | **9**<br>**52**<br>**24** |
| 5. | Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ<br>Асроров К.А.<br>- Шӯъбаи муассисаҳои статсионарӣ<br>Каримов С.<br>- Шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ<br>Наимов О. | 183<br>313<br>341 |
| 6. | Раёсати муҳоҷирати аҳолӣ<br>Назаров Н.<br>-Шӯъбаи муҳоҷирати экологӣ<br>Давлатов М.<br>- Шӯъбаи муҳоҷирати дохилӣ<br>Қодиров Ш. | 18<br>16<br>17 |
| 7. | Раёсати ташкилӣ ва ҳуқуқ | 58 |

| | | |
|---|---|---|
| | Искандаров М. | |
| 8. | Шӯъбаи робитаҳои байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ Раҳматуллоев Н. | 30 |

Дар мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон пеш аз ҳама масъалаҳои гирифтани роҳхат барои касбомузӣ, шаҳодатномакунони, таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ, гирифтани аробачаи маъюбӣ ва асобағал, гирифтани қарзи имтиёзнок ва кумакпулӣ, гирифтани тасдиқномаи бекорӣ, номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ, ҷойгир намудан дар хона-интернатҳои пиронсолон ва маъюбон, ташкили корҳои ҷамъиятӣ, дарҷ ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки нисбати ҳамаи мурочиатҳои шаҳрвандон чораҳои фаврӣ андешида шуда, куллӣ онҳо ба таври мусбӣ ва сари вақт ҳал шуданд.

Дар давоми нимсолаи аввал ( 5 моҳ) соли 2012 ба сохторҳои тобеи Агентии давлати ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират зиёда аз **21311** нафар шаҳрвандон шифоҳӣ мурочиат намуданд.

| Номи масъалаҳо | Ҳамагӣ мурочиатҳои шифоҳи | Фаҳмонда шуд ё дар назорат | Баррасӣ шуд |
|---|---|---|---|
| Оиди гирифтани роҳхат барои қасбомузӣ | 2815 | 205 | 2610 |
| Таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ | 3410 | 1339 | 2071 |
| Дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 226 | 94 | 132 |
| Дастрас намудани асобағал | 166 | 78 | 88 |
| Дастрас намудани воситаҳои садо шунавоӣ | - | - | - |
| Гирифтани қарзи имтиёзнок | 856 | 542 | 314 |
| Кӯмаки молиявӣ | 117 | 28 | 89 |
| Кӯмакипулӣ | 1483 | 557 | 926 |
| Масъалаи шаҳодатномакунонӣ | 939 | 54 | 885 |
| Гирифтани тасдиқномаи бекорӣ | 4061 | 221 | 3840 |
| Гирифтани роҳхат ба истироҳатгоҳ ва ҷойгир намудан дар хона-интернатҳо | 164 | 80 | 84 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ | 550 | 82 | 4687 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони меҳнати | 157 | - | 157 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати камбизоат | 3241 | 84 | 3157 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| Оиди ташкили корҳои ҷамъиятӣ ободони | 617 | 236 | 381 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати бекорон | 56 | 12 | 44 |
| Дигар масълаҳо барои гирифтани маълумот | 1952 | - | 1952 |
| Гирифтани роҳхат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 9 | 1 | 8 |
| Гирифтани ҷубронпулии барқ | 358 | 7 | 351 |
| Гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ | 134 | 67 | 67 |
| | | | |
| | | | |
| Ҷамъ: | 21311 | 3687 | 17624 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 17624 муроҷиати шифоҳии шаҳрвандон баррасӣ гардида ё 82,7 % ташкил медихад ва 3687 муроҷиати шифоҳӣ дар назорат мебошад (17,3%).

Қайд кардан ба маврид аст, ки 42 нафари шаҳрвандон дар қабули мӯҳтарам Вазир дар давоми нимсолаи авали соли ҷорӣ муроҷиат намуданд бо масъалаҳои зерин:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | - оиди таъмини бо роҳхат ба Осоишгоҳи | 4 |
| | | |
| 2. | - оиди расонидани кӯмаки модди аз тарафи Кумитаи Имдоди Хумайнӣ | 13 |
| | | |
| 3 | - оиди ҷойгир намудан дар литсеи интернати Махсуси маъюбон | 1 |
| | | |
| 4 | - оиди ҷойгир намудан ба Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон | 3 |
| 5 | - оиди ҷойгир намудан ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 2 |
| 6 | - оиди дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 1 |
| 7 | - оиди гирифтанги карзи имтиёзнок | 2 |
| 8 | - оиди таъмин намудан ба ҷои корӣ доимӣ | 9 |
| 9 | - оиди расонидани кумаки молиявӣ | 2 |
| 10 | - оиди гирифтани роҳхат барои касбомӯзи | 2 |
| 11 | - оиди дастрасти чиптаи имтиёзнок | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 12 | - оиди дастрасти кӯмаки иҷтимоӣ | 2 |

Ҳамаи ин муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон бо таври мусбӣ иҷро шудааст ва аз инҳо 1 ариза бо таври хатти ворид шудааст, ки мавриди баррасӣ қарор дошта зери назорат мебошад.

Тайи давраи ҳисоботӣ фаъолияти мақомоти Агентӣ дар ш.Душанбе, сарраёсати Агентии вилояти Суғд ва Раёсати Агентии ВМКБ ва марказҳои таълимии системаи Агентӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд, ки дар кори дафтодорию коргузорӣ як қатор камбудиҳо ошкор карда шуд. Аз ҷумла:

феҳрасти парвандаҳо дар ягон дастоҳи марказии Агентӣ тамоман вуҷуд надорад, шоҳиси воҳидҳои сохтори маълум карда нашуд, дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридоти ва содироти аз рӯи Дастурамали коргузорӣ, назорати иҷрои ҳуҷҷатҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Дар корбарӣ ду папка вуҷуд дошта нодуруст истифода бурда мешавад.

**Корҳои иттилоотӣ ва робита ба ҷомеа**

Яке аз самтҳои муҳими робита бо ҷомеа ин тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳои расмию даврӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, бахри амалӣ намудани хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мебошад, ки дар иртибот ба ин чунин корҳо ба сомон расонида шудаанд:

Дар ҳамкорӣ бо **шабакаҳои телевизионии** ТВТ-1, “Ҷаҳоннамо”, “Сафина”, “Баҳористон” дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси Агентӣ **282** барномаю гузоришҳои телевизионӣ сабт ва намоиш дода шуд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар мегиранд:

“Оиди фаъолияти Агентӣ ва нақшаҳо дар соли 2012”; оиди баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор; иҷроиши Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ; ба масъалаҳои бокортаъминкунӣ, квота, корҳои ҷамъиятии музднок; оиди фаъолияти “Литсей-интернати махсуси маъюбон”-и Вазорат дар барномаи “Тобиш”.

Бо **шабакаҳои Радио** Тоҷикистон, “Садои Душанбе”, “Имрӯз” ҳамкорӣ намуда, мусоҳибаю барномаҳо мураттаб шуданд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар гирифта 110 барномаю гузоришҳо таҳия ва пахш шудаанд.

Оиди «Ҳадафи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ», оиди амалӣ гаштани Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2012; роҷеъ ба ҳифзи иҷтимоӣ барномаи “Гар дасти фитодае бигири...”

Ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» ва радиои Тоҷикистон доир ба баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холии соҳавӣ барои маъюбон, соҳаи маориф, омӯзиши малакаи касбӣ мактуб таҳия ва дастрас карда шуд, ки зиёда аз **310 эълони вакансияҳои холӣ** бо сатри равон ҳамарӯза ба корҷӯён ва ниёзмандон пешниҳод гардид.

Мавриди зикр аст, ки дар семоҳи соли равон Агентӣ ҳамкориро бо шабакаҳои интернетии АМИТ «Ховар», «Азия-плюс», «Тоҷ-news» ва «labour.tj»,

«Пресса.тҷ», «Озодагон» ва «Имрӯз-нюс» хуб ба роҳ монда, ҷиҳати инъикоси фаъолияти Агентӣ мунтазам маводҳои иттилоотӣ 112 манзур намуд.

**Дар нимсолаи соли ҷорӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ 39** мавод ворид карда шуд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар мегирад.

Аз натиҷаи фаъолияти Агентӣ ва иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011; "Кӯмакҳои хайриявӣ ба хонаинтернатҳо дар соли 2011", «Кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат дар соли 2011», «Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар соли 2011», «Хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар марказҳои муваққатӣ дар соли 2011», "Ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2011"оиди ҷорӣ намудани низоми кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истравшан ва Ёвони вилояти Хатлон, кушодашавии Маркази таълимии калонсолон, Литсейи махсуси маъюбони Вазорати меҳнат бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Мутобиқи маълумоти дастрасшудаи мақомоти зертобеи Агентии давлатӣ маълум гардид, ки дар маҳалҳо низ барои пеш бурдани сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ (дар шабакаҳои маҳаллӣ) маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд. Ҳамчунин дар маҳалҳо баҳри пешбурди сиёсати давлатӣ оиди ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират корҳои тарғиботӣ–ташвиқотӣ мутобиқи имконияту шароитҳо ба роҳ монда шуда, бештар маълумот ва эълонҳоро тавассути тахтаи эълонҳо ва стендҳо (420 адад) ба иттилои шаҳрвандон расонидаанд.

**Самти хоҷагидорӣ**

Дар ин давра оиди самти хоҷагидорӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуда, маблағи истифодаи об, барқ, ва хизматрасонии алоқа пардохт гардида, бинои маъмурӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд. Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти кор маводҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ харидорӣ карда ва ба раёсатҳо, шӯъбаҳо, бахшҳои дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои марбутаи он дастрас карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои фармоиши директори Агентӣ оиди гузаронидани тирамоҳу - зимистони соли 2011-2012 мавриди баррасӣ қарор дода, оиди ҳалли он гурӯҳи корӣ ҷиҳати захираи маводҳои сӯзишворӣ ва хӯрокворӣ дар муассисаҳои статсионарӣ ва мақомоти Агентӣ ташкил карда шуд.

Бинои истироҳатгоҳи «Коргарҷавонон»-и Ромит аз таъмири ҷорӣ гузаронида шуда, гирду атрофи он тоза карда шуд.

Дар дастгоҳи марказии Агентӣ моҳи майи соли ҷорӣ Ситоди доимоамалкунанда, таҳти роҳбарии муовини директор Абдураҳмонов Б., ташкил карда ва ҷаласаи аввал гузаронида шуд.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва қарорҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, баҳри иҷрои онҳо чораҳои амалӣ меандешад.

**Директори Агентӣ** **Н. Маҳмадуллоев**